240082

БЕДА

Рубоиёт



Мирзо Абдул-Кодир

Б*Е*Д*И*Л

гуёхор

Рубоиёт
(Мунтахаб)



нашриёти давлатии
точикистон
сталинобод – 1961

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»

ж 00082

МИРЗО АБДУЛ-ҚОДИР БЕДИЛ

Рубои (Четверостишия)

(на таджикском языке)

Тартибдиҳанда ва муҳаррир
Муҳаммадҷон Раҳимӣ

Рассом *М. Серебрянская*
Муҳаррири расмҳо *Л. Винников*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Х. Пиоқулов*

Ба матбаа супорида шуд 14/VIII-1961. Ба чопаш имзо карда шуд 30/VIII-1961.
Коғази 70×108¹/₃₂. Ҷузъи чопӣ 3,875 (5,31). Ҷузъи нашриявӣ-ҳисобӣ 4,34.
Адади нашр 10 000. Нархаш 22 тин. Супоришӣ № 2928.

Сталинобод, комбинати полиграфии Вазорати маданиятии
РСС Тоҷикистон.

000042334
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Бе кина даро дар дили ғампешан мо,
Безанг кун оина ви андешан мо,
То офат дарнагирад аз шашқиҳатат,
Оташ дар даст магзар аз бешан мо!

МИРЗО АБДУЛ-ҚОДИР БЕДИЛ
(1644—1721)

Вақте ки одамон «Эҷодиёти Бедил» мегўянд, гўё баҳреро, ки дар киёми рўз ором ва мусаффо бошад, тасаввур мекунанд... Вале дар дили он «баҳр» фаввораҳои чўшон чи қадарҳо чавоҳироти назму насрро дар мавҷҳо бармегардонанд!.. Онҳоро фақат бо мухокимаи амиқи фикр тачассум кунонида ба пеши назар овардан мумкин аст.

Аз он рўзе ки ин шоир бо тулўи субҳи ҳаёти худ чашм равшан карда буд, 317 сол гузашта, аз он лаҳзае, ки ў чашм аз ғуруби шоми ҳаёти худ пўшидааст, 240 сол гузашт. Ў ҳамагӣ 77 сол (1054—1131 ҳичрӣ) умр дидааст. Аз чанде маъхаз ва нақлҳои халқӣ маълум мешавад, ки аҷдодони ў, аслан аз қабилаи барлоси чиғатой буда, падар ва модараш аз Шаҳри Сабз ба Ҳиндустон кўчидаанд ва ў дар Азимободи Путна таваллуд ёфтааст.

Мирзо Абдул-Қодир Бедил аз хурдсолиаш дар Ҳиндустон нашвунуму ёфта ва таҳсилоташ дар ҳамон сарзамин мегузарад.

Онам, ки талидан аз дилам гум нашавад,
Саъйи талаб аз обу гилам гум нашавад,
Харчанд чу шамъ аз мукимон бошам,
Сарриштаи рах ба манзилам гум нашавад!

Як қисми машҳури эҷодиёти Бедил шеърҳои лирикии ӯ мебошанд, ки дар онҳо ишқу ҳусн, зебоиҳои табиии мавҷудот (тасвироти бадеии манзараҳои табиат), сифатҳои олӣ, эҳсосот ва ҳолатҳои нозуки рӯҳияи инсон ситоиш карда мешаванд. Шоир дар ин санъат низ ба дараҷаи олии камолоти назм муваффақ гардидааст:

Дӣ ки зи боди сахар турраи шаб хӯрд тоб,
Шаъшаа пардоз дод ойинаи офтоб...
Бас ки сабоҳи тараб рӯи замин об зад
Сабза чу наргис намонд як-мижа марҳуни хоб.
Бас ки зи ҳар сӯ дамид барги гул оташ ба ранг.
Тарфи хиёбон гирифт чун раги ёқут тоб...
Зад ба хурӯши асар зеру-бами рангу бӯ,
Баст бирешим ба ранг печу-хами мавҷи об...
Аз гулу шабнам дамид шаш-ҷихати рӯзгор,
Чашми ҳаво беғубор, хусни тараб бениқоб.

Маълум аст, ки ҳанӯз дар даврахои пеш аз революция асарҳои Бедил дар Осиёи Миёна то ба гӯшаҳои дуртарини музофотҳои он интишор ёфта буданд. Дар шаҳрҳои марказии ин сарзамин, чамоате аз фозилони шеършинос ва дӯстдори эҷодиёти Бедил, ҳалқаҳои бедилшиносии доимӣ дошта ва онҳо бо роҳбарии сарҳалқаҳои худ, пайваста бо таҳлили асарҳои Бедил машғул буданд.

Шеърҳои ишқии ин шоирро дар он даврахо ҳофизон дар тӯю маъракаҳо, дар иҷтимоонаи муллоён ва дар сӯҳбатҳои хусусии ёру дӯстон дар баробари шеърҳои беҳтарини классикҳои машҳур мехонданд. Халқ, хусусан, ғазалҳои ошиқона ва панду насиҳатҳои Бедилро дӯст дошта, номи ӯро дар қатори номҳои Шайх-Саъдӣ, Хоҷа-Ҳофиз, Хоҷа-Камол ва ғайра бо ҳурмате хос ба забон мебурд.

Бешубҳа, аз ҳусни муҳаббат бояд бошад, дар халқ дар бораи Бедил, тарзи ҳаёт, олиҳиммати ва сифатҳои хуби ӯ, нақлу ҳико-

яъҳои маргубе интишор ёфта омаланд. Дар баробари ҳамин, халқ ҳаме байтҳо ва рубоиҳо газалҳои ин шоирро аз ёд мехонанд ва мехонанд.

Ба эҷодиёти Бедил, дар давоми қариб 250 сол таърихнависон ва тадқиқотчиёни адабиёти бадей, дар мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб, инчунин дар Осиёи Миёна фикрҳои бисьёре баён карда, аз мавқеъҳои гуногун истода, ва рӯи рояҳо, назария ва ақидаҳои мухталиф баҳои гуногун додаанд. Баъзе аз онҳо чиҳатҳои хубу ба халқ наздики асарҳои Бедилро кӯшиш мекарданд ҳамеша пӯшида нигоҳ доранд.

Розе мо софӣ-дилон пӯшида натвон доштан,
Ҳар чӣ дорад хонаи ойина беруни дар аст!

Бил-охира, дар замони мо, устод Садриддин Айнӣ бо унвони «Мирзо Абдул-Қодири Бедил» китобе дар соли 1954 нашр кунонид. Муаллифи китоби мазкур, дар баробари мулоҳизаҳои дурандешона, дар хотима ба эҷодиёти Бедил баҳои баланд дода менависад: «Ин кори мо дар роҳи тадқиқи вай (яъне, эҷодиёти Бедил) монанди он аст, ки касе бо заврақе канораҳои осонгузари баҳрро сайр карда бошад».

Асари олими ӯзбек Иброҳим Мӯъминов «Мирзо Абдул-Қодир Бедилнинг фалсафи қарашлари» низ шоёни диққат аст. Муаллиф ба таҳлили комили ҳаман эҷодиёти Бедил даъво намекунад, вале мувофиқи мавзӯи дар назар доштааш ҷиҳатҳои муҳимми эҷодӣ, рукнҳои асосии мусбат ва манфии фалсафаи Бедилро ва симои замони ӯро бо таҳлилоти илмию таърихӣ мекушояд. Муаллиф баъд аз муҳокимаҳои ҳаматарафа, дар хулосаи асари худ, дар бораи Бедил чунин навиштааст:

«Эҷодиёти шоири машҳур ва файласуф Мирзо Абдул-Қодир Бедил ҷавоҳиротест, ки дар хазинаи адабиёт ва афкори ичтимоии халқҳои мо дохил шудааст, зеро халқҳои мо вориси ҳаққонии ғалабаҳои маданияти хеле марғуб ва арзишманди наслҳои гузаштаи инсоният бо вуҷудоварда мебошанд».

Маълум аст, ки намунаҳои ашъори Бедил дар китобҳои бисьёре дарҷ ёфтаанд. Ҳатто мунтахаботи ғазалиёти Бедиляро дар давраи пеш аз революция, дар мактабҳои мо, дар қатори девони ашъори шоирони бузурги дигар ба сифати китоби дарсӣ таълим медоданд.

Бедил бар мукобили ҷаҳолат ҳамеша муборизаа мебурд. У бесаводонро ба сӯи савод ва дониш, ҷоҳилонро ба ёфи ҳилм ва одамият даъват менамуд. У ба онҳое ки дарёчаи дониши паст доштаа, вале ба худ мағрур ва муддаӣ будаанд, мегуфт:

Гар санг наӣ ба фаҳми зиру-бами сое.
Чашму гӯшат чаро нағардад боз?!
Эй бехабар, ин ашъунаи оҳанист.
Кар нафаҳмад ишорату кӯр онҳо!

Дар ҳатми ин сарсухани хеле мухтасар бояд хотирраасон кард, ки Бедил бо рубоии зайл гӯё омадани замони моро ва ин рӯзҳои босаодати моро дар назар дошта мегӯяд: хушо замоне меояд ва аз дидаи одамонаш чароғи олам равшан мегардад ва ман дар байни он одамон хоҳам буд!

Боз ойинаи назар чаман-тамҳид аст.
Дидори тараб — баҳори чандин ид аст.
Аз дидаи мо чароғи имкон равшан.
Имрӯз ин хона—хонаи хуршед аст!

Бояд қайд намуд ки ин 300 сол барои Бедил як давраи бузургест, ки номи Ӯро дар ҳайати классикҳои адабиёти ҳинд, форс ва точик дурахшон кардааст.

Бедил маълум, ки 77 сол умр дидааст, лекин роҷеъ ба омӯхтани фалсафаҳои гуногун, илмҳои асосии назм, фалсафа ва ҳаёти 1000 соли гузашта меҳнати ниҳоят бузурги сарфкардаашро дар назар дошта ва мавқеу мазмуни он меҳнаташро моҳирона дар як байт, ба тарзи зайл, ифода кардааст:

Қуҷост тоби зи худ рафтане, ки чун ёкут.
Ба арзи гардиши рангам ҳазор сол гузашт!

Дар-замони советии мо дафъаи якўмин аст, ки мунтахаби рубоиёти Бедил нашр карда мешавад. Ин мачмўаи рубоиёт, ки ба мутолиахунандагон тақдим карда мешавад, як қисми рубоиёти шоирро дарбар мегирад. Мо умедворем, ки дўстдорони назм ин мачмўаро ҳамчун ҳиссае аз хазинаи бузурге кабул хоханд кард.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ.

Ҳарф ин ҷо буду мешунудам: он ҷо!
Оина ба пешу менамудам «он ҷо»
Чун гардун шабаҳи ман зи ман берун нест,
Ҷое нарасидам, ки набудам он ҷо!

Гар офият асту гар шикаст аст ин ҷо,
Аз соғари аъмоли ту маст аст ин ҷо.
Дастат гирад касе, ки гирӣ дасташ;
Музди ҳама кас дасти ба даст аст ин ҷо.

Золим пӯшад либоси хун-бофтаро,
То зер кунад хасми забун-ёфтаро.
Бо сангдилони шӯъла-хӯ * сахтӣ кун,
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро!

Абр аст, даме зи хона сармаст баро,
Гар завқи зи хеш рафтане ҳаст, баро!
Халқе имрӯз май ба соғар дорад,
Чун абр ту низ шиша дар даст баро.

Чун оина беғубор бинад худро,
Сад ранги тараб шикор бинад худро.
Илме гул кард аз мизочи инсон,
То хок даме баҳор бинад худро.

Бедил?! Ту зи мардум чӣ шунидӣ худро?
К-аз мо ба гумон дур кашидӣ худро!
Дар ту як тори мӯ зи мо нест тиҳӣ,
Эй «бехабар», аз мо ту чӣ дидӣ худро?

Гар ранги мулоимат диҳӣ гуфтанро,
Оинаи дӯстӣ кунӣ душманро.
Аз ҳарфи баланд фитна бармехезад,
Ҷуз баҳси асо нест рағи гарданро.

Дар пириям оби зиндагонист асо.
Маввочи ҳазор парфишонист асо.
Кам нест ҳанӯз сози болидани шавк,
Боде аз қомати чавонист асо.

Дунфитрат агар фитод дар роҳи хато,
Ийзост тадорукаш ба табъи уқало.
Аҳли кудрат ситамкаши ном ӯсанд,
Бар дасту сар аст офати лағзиши по!

Бедордило, зи табъи нософ баро,
Аз нақшу-нигори пардаи лоф баро!
Гар хобат нест, махмалу дибо чист?
З-ин коргаҳи қумоши шаббоф баро!

Ҷамъе, ки асиранд ба фикри асбоб,
Мастанд ба бӯи ҷуръаи ҷоми шароб!
Бедил, ту ба ҷамъи мол заҳмат накашӣ,
К-аз мавҷи гуҳар ришта нагардад сероб.

Бедил, ба адабгоҳи ҷаҳони асбоб,
Коре накунӣ, ки кина гиранд аҳбоб!
Беофат нест инфиоли дили соф,
Оташ дорад ба чашмаи оина об!

Мавҷ аз тамкин нафас набастаст дар об,
Ҷавлони ҳаво по нашикастаст дар об.
Аз олами шарм худсарон берунад,
Машки пурбод кам нишастаст дар об!

Бар моидаи неъмату нози асбоб,
Андеша нашуд зи фарбеҳи лаззатьёб.
Фикри суханам ба лоғарӣ кард фусун,
Борик шудам чу ришта аз хӯрдани тоб.

Ин хармағзони ғофил аз сози тараб,
Доранд ба тақлиди шаҳон нози тараб.
То кӯсу нафир гӯшашон кар накунад,
Мушкил, ки кунанд фаҳми овози тараб.

Бедил, чӣ балост ин ки бе сози ҳичоб,
Гардид ба дил нигори дасташ ба хизоб.
Дар ранги ҳино гумони тағьир кирост?
Хунат шояд сиёҳие дида ба хоб!

Аз сӯҳбати ҳар кӣ бурдай бӯи насиб,
Бояд ба муроди дили ӯ буд қариб.
Аздод ба ҳам наметавон кардан ҷамъ,
Бо сиҳҳат бош ошно ё ба табиб!

Аҳли дуньё дар ин шабистони хароб,
Чун шамъ ба шӯълаи ғуруранд кабоб.
Фардо надиҳад нуру сафо талъаташон,
К-ин тоифа яксаранд кирми шабтоб.

Ин ҷоҳфурӯшон ба ғурури табу тоб,
Яксар задаанд ғӯта дар мавҷи сароб.
Афсурдани табъро махонед камол,
Чун гавҳар гашт қатра — хок аст, на об!

Онро, ки бувад комили машқи одоб,
Бо вазъи сабуксарон мегиред ҳисоб.
Омезиши якдигар чи имкон дорад,
Гавҳар ҳарчанд ҳал намоянд ба об?!

Бедил, ба бисоти фурсати барқ-никоб,
Моро ду-се рӯзе ба таваҳҳум дарьёб.
Ҳайрони фиребем: чӣ хулду чӣ ҷаҳим?
Меҳмони хаёлем: чӣ неъмат, чӣ азоб?!

Боғе, ки эи доғи ҷигарам гирад тоб,
Аз бӯи гулаш бол кашад дуди кабоб.
Бегонагии роҳат агар арза диҳам,
Махмал набарад эи паҳлуям сарфаи хоб.

Эй хоча, заволи карруфар наздик аст,
Афсурдани шӯълаи асар наздик аст.
Чун шамъ фурӯғат чӣ қадар хоҳад монд?
Эй кирмаки шабтоб, саҳар наздик аст!

Шаб тоири ман ба доми дил коре дошт,
Пар меафшонду нолаи зоре дошт.
Дидам, ки ба завқи ҳамнавоиҳоям,
Ҳар чоки қафас кушоди минқоре дошт.

Гар бар таҳқиқи ин баҳорат назарест,
Ҳар сабза забони шарҳу басти дигарест.
Дар пардаи гӯши гулу чашми наргис,
Ороиши коргоҳи самъу басарест.

То маҳфили даҳр сози таҳрир андӯхт,
Сад шӯъла чароғаш ба забон омаду сӯхт.
Дидем, ки чун оташи ёқут намурд
Шамъе ки дар ин базм хамӯшӣ афрӯхт.

Ҳастӣ ҷуз ҷонканию хунхӯрдан нест,
Аз олами маргу айш ҷонбурдан нест.
Дар халқ буруни халқ будан ғалат аст,
Сӯҳбат бо зиндагист, бо мурдан нест!

Дар Ҳинд зи бас ранги бутон савдоист,
Ҳар узви сияҳ баҳори райҳонзоист,
Дандонҳо низ бе мастие натвон ёфт,
Ин ҷо ҳама гар гуҳар дамад симьёист.

Бедил, дорад зи табъи аҳли ҳиммат
Осори сахо ҷилва ба чандин сурат:
Бар бехабарон панду ба мӯҳтоҷон сим,
Бар хурдон лутфу бо бузургон хидмат.

Бедил, умрест дар ҷаҳони каму-кост,
Тадбир ба кори дил намеояд рост.
Чун мавҷ, ки дар табъи гуҳар маҳв шавад,
Нохунҳо суда гашту ин укда баҷост.

Дарде начашидам, ки давои ту надошт,
Оҳе накшидам, ки ҳавои ту надошт,
Ашке нафишондам, ки ба роҳи ту набуд,
Ранге нашикастам, ки садои ту надошт.

Рафтему зи нақши по гаронӣ бокист,
Гаштем ғубору парфишонӣ бокист.
Ҳарчанд ба хок маҳв шуд пайкари мо,
Аз санги мазор сахтҷонӣ бокист.

Ашьё — арзи хаёли дидан будаст,
Асмоъ ҳам — афсона шунидан будаст,
Ин ҷумла — зи худ бурун давидан будаст,
Инсон гаштан — ба худ расидан будаст!

Ҳар тирадаруне, ки ҳасад шомили ӯст,
Бар тӯҳмати покон назари ботили ӯст.
Рав, пунба ба сақфи хона овезу бубин,
Дуде, ки зи шамъ сар кашад моили ӯст.

Бедил, ҳарчанд шӯри назмам беш аст,
Гар во-расам андеша хичолаткеш аст.
Дар силки суханварон гуҳарҳои маро
Чун жола ҳамон об шудан дар пеш аст.

Ғафлатзадаро зи ҷаҳл вомондан нест,
Аз нусхаи умр ибрате хондан нест.
Гар хона шавад, тамом тӯфонии дуд,
Дар дидаи рӯзан об-гардондан нест.

Тӯморн муҳаббате, ки дил нуқтаи ӯст,
Печидаму гуфтам бифиристам бар дӯст.
Чун ғунча зи шавқ худ ба худ во гардид,
Аз шодии васл дар-нагунҷид ба пӯст.

Дарбори ниёзу нози фан бисьёр аст,
Гар маҳрами мой «туву ман» бисьёр аст.
Эй аз найранги шавқ нобурда асар,
Моро бедил мадон, сухан бисьёр аст!

Қ-ӯ сар, ки чу нақши по кунам пайсипарат,
Ё ранг, ки гардам зи ҳавас гирди сарат.
Оина чӣ дорад аз сару-барги қабул,
Ҷуз он, ки туро ҷилва диҳад дар назарат.

Дил доғ шуду ба ҳеҷ чо хуш нанишаст,
Бо факр насохт, бо ғино хуш нанишаст,
Яъне чу нигин ба сафҳаи улфати даҳр,
Ҷое ки дошт нақши мэ, хуш нанишаст.

Имрӯз, ки ангори ҷаҳон тасдиқ аст,
Оинаву сатҳи об «бетафриқ» аст,
Ҳар ҷост асар — ранги муассир дорад!
Тақлид чӣ мекунӣ? Ҳама таҳқиқ аст!

Дар тинати бедард, ки тамйиз кам аст,
Ғайр аз осори марг, ҳар чиз кам аст.
Аз нохуну мӯи шахс бояд пай бурд,
Ҳар ҷо ки хун кам аст ҳис низ кам аст.

Осори суроғи мо ба мо пайвастааст,
Гарди мо ҳам ба домани мо бастааст.
Аз мо ба нишони мо тавон пай бурдан,
Нақши қадами нишастагон наншастааст.

Ҳар дил, ки бар ӯ партове аз ишқ наёфт,
Ҳастӣ чандин шикаст бар табъаш тофт.
З-ин ҷост, ки то кӯза ба оташ набаранд,
Аз офати об эминаш натвон ёфт.

Шодӣ чу мудовамат кунӣ ҷуз ғам нест,
Суре аз ҳад фузун кам аз мотам нест.
Ҳар чиз ба эътидол мебояду бас,
Гар об зи сар гузашт з-оташ кам нест.

Дар мактаби аъён, ки ҳама чуну чарост,
Ҷуз ғафлати таҳқиқ намеояд рост,
Дармондаи шубха аст такрир ин ҷо,
Дар хондани нусхаи ғалат лакнатҳост.

Ғайр аз дили гарм дар ҷаҳон шамъе нест,
Ин ғамкадаро ба дудмон шамъе нест.
Оҳи ману туст маҳфилорои сипеҳр,
Ҷуз тир ба хонаи камон шамъе нест.

Онро, ки ту укбо шумарӣ укбо нест,
Яъне чои такарруби мавло нест.
Васфи чаннат шунидай, ибрат гир,
Ҳар чо зару гавҳарест чуз дуньё, нест!

Дар замзамаам олами найранге ҳаст,
Чандон, ки тааммул кунӣ оҳанге ҳаст.
Аз сайри каломи ман ба ғафлат магузар,
Чун субҳи баҳорам ба нафас ранге ҳаст.

Яксар доғему накди савдо ин аст;
Ғовуси хаёлему тамошо ин аст;
Мушти шарареро ба сафҳа мегардонем,
Дар маъбади ишқ субҳаи мо ин аст.

Рӯзе, ки часад викори худро дар-ёфт,
Дил пайдо карду рамзи ашьё дар-ёфт,
Мушти хоке фасурду оҳан гардид,
К-оҳан ойина шуд, тамошо дар-ёфт.

Он лола, ки дар дашти чунун афтодаст,
Доғест, ки дар муҳити хун афтодаст,
В-он реги равон дилест, к-аз бетобӣ,
Аз синаи бедиле бурун афтодаст.

Хуше, ки рамузфаҳми чанду чун аст,
Донад, к-Иблис аз чи раҳ матъун аст?
Яъне, он кас ки ҳазрати инсонро
Масчуд тасаввур накунад малъун аст?

Ҳар чузви «муҳаққире», ки пеши ту рад аст,
Дар олами иттифоқ иззат-санад аст!
Пашми чанде, ки медиҳӣ бар бодаш,
Чун пайвандад ба ҳам, гилему намад аст.

Хуш бош, ба ҳар ҳол, тамошо ин аст.
Май нӯш, ваболи машраби мо ин аст.
Олам қафас аст то ту дар банди худӣ,
Аз дилтангӣ барой, саҳро ин аст.

Ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст;
Ҳар нукл, ки лаззате набахшад шӯр аст.
Рахте, ки тағайюр напазирад — кафан аст,
Он хона, ки табдил наёбад? — гӯр аст!

Гар иқболест — субҳи гулзори дил аст,
В-ар идборе — далели озори дил аст.
Дар олами амр Бедилам хонд қазо,
То шарм кунам зи ҳар чӣ даркори дил аст.

Як умр хаёлам ба дару дашт шитофт,
Чандин авчу нузули ҳастӣ бишикофт,
То ваҳшати ғайр дар назар чилва накард,
Тимсоли ман ойинаи таҳқиқ наёфт.

Ҳарчанд нафас болу пари чаҳд шикаст,
Як гул-барги тараб наёварад ба даст.
Маъзур гузашт умр азӣин ғайратгоҳ,
Фурсатҳо буд кам, ҳино ранг набаст.

Бедил, дигар он фурсати бадмаст кучост,
В-он шишаву соғаре, ки бишкаст кучост?
Гирам пурхуи куни каф аз суданҳо,
Он ранги ҳино, ки рафт аз даст кучост?

Фарьёд, ки бар ман ситами ғафлат рафт,
Дур аз адамам қиёмати хичлат рафт,
Гуфтам назаре во кунаму бар-гардам,
То чашм кушудан инқадар муддат рафт!

Эй заллакаши хаёл, неъмат дигар аст,
Мағрури таваҳҳум, ҳақиқат дигар аст.
Хулде ки ба гавҳару зар оростаанд,—
Мақмӯаи ҳирси туст, ҷаннат дигар аст.

Аз ишқ ба ҳар дил, ки якиневу шакест,
Ранги асари эулмату нураш маҳакест.
Шому саҳар он нест, ки натвон донист,
Пайдоию пинҳонии хуршед якест!

Ҳарчанд тамизи куфу дин маъюб аст,
Манзур агар тӯй ҳама маҳбуб аст.
Гӯ: «Каъбаю дайр бар сари-ҳам шикананд!»
Аз ҷанги ду санг оташам матлуб аст.

Дар олами кавн ранги фитрат дигар аст,
Халқе мағрури нозу ҳиммат дигар аст.
Аз ҷинси таваҳҳум, ки мақозаш хонанд
Гар даст фишонанд, ҳақиқат дигар аст!

Ҳарчанд хирад ба санъати худ фард аст,
Дар маҳфили ишқ оташи кораш сард аст.
Наққош ба зӯри килки худ менозад,
Гар домани ӯ кашад зи дастам, мард аст.

Натвон пайваста ҳуш бар ғафлат дошт,
Бояд аз вазъи якдигар ибрат дошт!
Имрӯз, ки шиша омад аз санг ба санг,
Де санг ҳам аз шиша ҳамин сурат дошт.

Гар табъи ту дар шеваи кин бебок аст,
Номат зи саҳифаи муруввat пок аст!
Пуч аст бинои эътибороти ҷасад,
Тори нафаси шӯъла — ҳамин хошок аст.

Бедил, моро ҳарзадарой шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест.
З-ин даст каломе, ки зи мо мешунавӣ,
Ғайр аз эсори хидмати ёрон нест!

Асмоъ — зухури бонги нокӯси дил аст;
Ашьё — ҳама, эътибори маҳсуси дил аст.
Ҳар зарра дар ин дашт чароғе дорад,
Яъне ин чумла чашми ҷосуси дил аст.

Дар табъи ту ҳарчанд амал бештар аст,
Ё саркашии ғурур бадкештар аст.
Чун пир шудию қомат аз заъф хамид,
Дар саъи фано сар аз қадам пештар аст.

Ҳарчанд, ки умр хирмани иқбол аст,
Фардо ё бод бурда ё помол аст.
Умрест камини донаи мо дорад
Гардун, ки ҳам осиёву ҳам ғирбол аст.

Изҳори сахо на базли симу дирамест,
Ҳар кас з-ин нашъа сархуши бешу камест.
Ҳарчанд зи мумсикон касе баҳра набурд,
Чон додани ин қавм ба ҳасрат — карамест!

Бедил, афҳом то кучо коста аст,
К-ин арса бисоти ҳумқ ороста аст.
Умрест, ки ошною бегона зи ман,
Ғайр аз таъриху сачъ кам хоста аст.

Ин базми чунун хушеву фарҳанге нест,
Созн нағамоти дониш-оҳанге нест,
Чандон, ки ба фаҳми «мову ман» гӯш ниҳӣ,
Ғайри овози хандаи бангӣ нест!

«Субҳи азал»-ат — сари шикофи қафасест,
«Шоми абад» — осори ғубори нафасест.
Эй бӯқаламуни коргоҳи найранг,
Бил-қувва, фитрати ту з-ин ранг басест!

Ҳасрат, яксар, шикори нодониҳост,
Кулфат — абри баҳори нодониҳост.
Оинаи огаҳӣ — надоматкада нест,
Хокат ба сар аз ғубори нодониҳост!

Бедил, моро зи ачзи тоқат гила нест,
Раҳ ноҳамвору пои пуробила нест!
Дилдор ба вазъи норасо хуш дорад,
Варна дилу дида? — Он қадар фосила нест!

То мардум қадам ба чаҳд нагмоштааст,
Ибрат ба раҳаш ойина нагзоштааст!
Гарди таҳқиқ чашми мо равшан кард,
Мили фарсанг сурмаҳо доштааст!

Чашми ту, ки рахши фитнаро зин бар баст,
Бар ғорати дилҳо камари кин бар баст,
Хам дод камони абру аз ланғари ноз,
Тӯҳмати «ранге» ба домани чин бар баст.

Аз рӯи ту барқ дар ниқоб афтодаст,
Аз чашми ту шӯъла дар шароб афтодаст.
Бар сози шикаст чун напечад * зулфат?
Ин «соя» зи боми офтоб афтодаст!

Ойинаи оҳан ҳама гар нуру сафост,
Акси сувар аст он чӣ дар вай пайдост.

---

* бупечад.

Бедил ту ҳамон ба сайқали дил пардоз,
Ин ойина чун соф шуд андешанамост!

Не пунбаи гӯше хабари доғам сӯхт,
Не дуди диле бар асари доғам сӯхт!
Шабҳои ғамат зи бекасиҳо охир,
Чун шамъ фатила бар сари доғам сӯхт!

Ҳосид, ки ғамаш ба якдигар кӯфта аст,
Дилкӯбтар аз оҳи чигаркӯфта аст.
Ҳар гоҳ ба назму насри мо мепечад,—
Печиданҳои мори саркӯфта аст!

Аз ҳар чинсе, ки зери афлок басест,
Чун боз-шикофӣ дили ғамнок басест.
Ин чо азбаски хонаҳо гашта хароб,
Қуфли зангорхӯрда дар хок басест!

Сад чарх ба чарх аз сари овораи мост,
Сад субҳ ба ёд аз чигари пораи мост.
Аз рӯзу маҳу меҳр фароғе дорем,
Ашк анчуманн собиту сайёраи мост!

Доно, ки ба чавҳари камолаш назар аст,
Ҳангоми сухан тааммулаш бештар аст.
Бе тамкин нест мавчи дарьёи муҳит,
Ин чо асари шарм — хамири гуҳар аст.

Таҳқиқ он чо, ки муддаои фикр аст,
Арзи: «Ману ту!» — айби расои фикр аст.
Дар назму сухан, ки машраби мавзунист,
Чун табъ дубаҳра зад, хатои фикр аст!

Ҳар кас номӯси ғайрататаш дар назар аст,
Фақраш, пеш аз ғино, далели зафар аст.
Помоли заифӣ нашавад ҷавҳари мард,
Теғе, ки тунукдам аст бурррандатар аст!

Офоқ, ки мактаби вуҷуду адам аст,
Ашьё ҳама дар вай хати ҳайратрақам аст,
Инсон бувад аз маънии ҳар як огоҳ,
Рози дили котиб ба забони қалам аст.

Бедил ба нафас ҳанӯз печиш боқист,
Дар ранги ҳавас камини гардиш боқист,
Ёрон ҳама рахти худ ба манзил бурданд,
Моро қадаме чанд ба лағзиш боқист.

Мунъим, ки ба дастгоҳу ҷоҳаш таку-пӯст,
Гар маънии офият бифаҳмад некӯст.
Болидани шамъ аз кулоҳ аст, аммо
Ғофил, ки ҳамон кулоҳ хасми сари ӯст.

Эй он, ки вусули мақсадат андоз аст,
Дил пайдо кун, ки дил далели роз аст.
Ҳарчанд ҳазор пар бурун орад тир,
То пайкон нест норасопарвоз аст.

Ҷоно, зи ту имкони назарпӯшӣ, чист?
Бо ғафлатам эҳтимоли саркӯшӣ, чист?
Гуфтӣ, ки зи мо ёд накардӣ, ҳайҳот,
Ман худ ба ту зиндаам, фаромӯшӣ чист?!

Дар пардаи ҳар реша чамансозе ҳаст,
Дар ҳар боле камини парвозе ҳаст.
Чун моҳи нав аз ваҳм нагардӣ борик,
Дар ҷайби калиди ту дари бозе ҳаст.

Дар пардаи розам нанухуфтан гирах аст,
Дар хомӯшиям хуҷуми гуфтан гирах аст.
Доми тарабест чини пешонии ман,
Дар решаи заъфарон шукуфтан гирах аст.

То кай пурсӣ мақоми дилдор кучост,
В-он шоҳиди нонамуда-рухсор кучост?
Мижгони ту гар ҳичоби биниш нашавад,
Дар хонаи офтоб девор кучост?!

Бедил, марав он ҷо, ки намехонандат,
Магзар ба бисоте ки бурун ронандат
Бо гарди ятимӣ гуҳари тавъам бош,
Биншин ҷое ки барнахезонандат!

Эй масти ғурур, «ҷому мино» холист,
З-он «май», ки ту сархушӣ пуриҳо холист.
Гарданкашӣ он нест, ки пастат накунад,
Ҷои сари шамъ то таҳи по холист!

Ҳар кас паи таҳсили камоле восӯхт,
Гул атр фурӯхт, шамъи нурафзо сӯхт.
Меъроҷи нафас дил аст, не авҷи сипеҳр,
Ох, аз нафаси субҳ, ки бар бечо сӯхт.

Дар пардаи сози мо наво бисьёр аст,
Айбу ҳунару рангу сафо бисьёр аст.
Хоҳӣ кафк гиру хоҳ гавҳар бардор,
Мо дарьёему мавҷи мо бисьёр аст.

Гар шӯри ҷунун буд — ба девона насохт,
В-ар тадбири хирад — ба фарзона насохт.
Халқе зи ғубори зиндагӣ рафт ба хок,
Бо табъи касе ҳавои ин хона насохт.

То базми сипеҳр шамъаш афрӯхтааст,
Асбоби нишоту кулфат андӯхтааст.
Аз гармии оташе, ки дорад меҳраш,
Рӯи дафи моҳ чо ба чо сӯхтааст.

Пирӣ аз бас дар ошьёнам пар баст,
Мижгон афрохтан ба чашмам дар баст.
Чун абрӯе ки бораш анбӯҳе мӯст,
Ҳар узв ба дӯши ман хаме дигар баст.

Бедил, гар завқи махмалу санчобест,
Дар сояи девори қаноат хобест.
Хуни иззат бар дари ҳар сифла марез,
Гар ҳирс бувад ташна, ҳаё ҳам обест!

Ибратҳо чашмакам ба савдо задааст,
То гарди ман аз хона ба саҳро задааст.
Чун шамъ осон начастаам з-ин маҳфил,
Бар ҳар узви ман оташе по задааст.

Ҳар кас зи мукофоти амал бохабар аст,
Аз ковиши * ҳоли аҳли ачзаш ҳазар аст.
Ташвиши гудози дили мо саҳл магир,
Чун об шавад шиша зи оташ батар аст.

Зуҳҳод камолашон мушавваш шудан аст,
Доим тарафи мизочи саркаш шудан аст.
З-ин сӯхтаҳои матбахи чаҳл мапурс,
Фардо ҳамаро таъмаи оташ шудан аст.

Пирӣ чиқадар дошт ҳучуму ғорат,
К-аз аъзо тоб бурду аз дил тоқат.

---

* аз коҳиши.

Бар мо дидори дӯстон ҳасрат шуд,
Бар ёрон гашт дидани мо ибрат.

Мӯ гашт сафед, тоқат аз тоб нишаст,
Гарди ҳавасе, ки буд дар об нишаст.
Умри мавҳум дар талоши «ману мо».
Азбаски нафас сӯхт, ба маҳтоб нишаст.

Он ҷо, ки муҳити бекарони сухан аст,
Тамкин гуҳари мавҷи равони сухан аст.
Назми олӣ тааммуле мехоҳад,
Маъзур, ки сакта нардбони сухан аст.

Аз ҳосили ҷоҳат агар имдоде ҳаст,
Фитрат меъмори ибратободе ҳаст.
Ҳушдор, ки дар табъи ҳарисони ғано,
Пинҳон зи назар бинои Шаддоде ҳаст.

Бедил, дами шамшери талаб борик аст,
З-ин теғ на турк эмину не тоҷик аст.
Бар ҷабҳаи эҳтиёҷ дорад ғарқат
Обе, ки зи сар ғузаштанаш наздик аст.

Гуфтам қади ту, гуфт хам аст андозат,
Гуфтам зулфи ту, гуфт бишкан созат.
Гуфтам чашмат, гуфт нафас гиру хамӯш,
К-аз сурма ҳанӯз ғофил аст овозат.

Онро, ки ба бекасӣ назар дӯхтан аст,
Ҷузъ яъс зи асбоб чӣ андӯхтан аст?
Бе рӯи ту дар чароғи кошонаи мо,
Афрӯхтанӣ нест, ҳамин сӯхтан аст.

Табъе, ки гули латофаташ дар чанг аст,
Чун оби равонаш аз кудурат нанг аст.
Сомони ҳасад «дуруштие» мехоҳад,
Мағзест шарар, ки устухонаш санг аст.

Шоҳ оинаи тачаммулаш дар пеш аст,
Дарвеш зи тачрид ҳузурандеш аст.
Дар ҳар сурат гадои истеъдодем,
Ин чо ҳамаро чашм ба дасти хеш аст.

Боз ойинаи назар чаман-тамҳид аст,
Дидори тараб баҳори чандин ид аст.
Аэ дидаи мо чарогҳи имкон равшан,
Имрӯз ин хона — хонаи хуршед аст.

Дар сози яқин ғайри гумон чизе нест,
Илмест чунуннаво, аён чизе нест.
Олам ҳама печида ба мӯи камаре,
Лекин ғофил, ки дар миён чизе нест.

Дар мастаба рафтам, тарабе дилкаш дошт,
Чамъияти бехудон маи беғаш дошт.
Дар сӯмиаам субҳаи зоҳид хун кард,
Имони фасурда лаъл дар оташ дошт.

Мунъим, ки ба авчи худсарӣ тохтааст,
Худро ба хаёл(е) муттаҳам сохтааст,
Гар нест ба ҳоли даври гардун назараш,
Ин кӯрдил аз чӣ гардан афрохтааст?!

Гардун — маҳу мехру собиту сайёр аст;
Дарьё — кафу мавчу чашмаю абҳор аст.
Эй бехабар аз коргаҳи «яктой»,
Онро, ки ту «як» шумурдай бисьёр аст.

Мунъим — тафтиши мунъимаш дар пеш аст;
Дарвеш — ҳамон дар талаби дарвеш аст.
Эй чӯёи уюби мардум, хушдор,
Айби ту — ба чустучӯи чунбиш хеш аст.

Ҳарчанд ба чуз шуғл гудоз ин чо нест,
Хомем ҳанӯз пухтагӣ пайдо нест.
Номаҳрами умқи ин муҳитем чу шамъ,
Обе ки зи сар гузашта зери по нест.

Дил ойинае дошт нафаҳмида гузашт,
Наззора баҳор буду нодида гузашт,
Аз дуду ғубори ношиносой ба даҳр,
Халқе аз хеш чашм пӯшида гузашт!

Дар факр аз бас, ки чӯъ бар тан задааст,
Огоҳии дил — оташи доманзадааст.
Аз маҳфили чоҳ нури таҳқиқ махох,
Фитрат он чо чароғи равғанзадааст.

Дар факр на ваҳми вусъату не тангист,
Як-даст саводи аъзами берангист.
Ин чост, ки арзи сояи боли Ҳумо,
Беравнақтар зи холи рӯи зангист.

Эй шӯри хаёлат қадаҳи ноз ба даст,
Сад майкада дар сояи мижгони ту маст,
Умрест, ки мезанад нафас мавчи пурӣ,
Ёдат ба дили мо чи-қадар шиша шикаст?!

Фитрат ҳар чо ниқоби идрок шикофт,
Чуз ҳусни амал зи ҳар чӣ сарзад рӯ тофт.
Бебаҳра бувад табиат аз ҳосили илм,
Гар мунфаил аз феъли бадаш натвон ёфт.

Бедил, ба мизоҷе ки вафо ҷавҳар нест,
Дида во-дид: хушк, шармовар нест!
Чое ки ҳуқуқи дӯстӣ манзур аст,
Ғайр аз эсор шеваи дигар нест!

Дуньё, ки парокандагияш асбоб аст,
Ором дар ӯ ҳамсабақи симоб аст,
Баҳрест, ки мавҷи ӯ парешонии мост,
Ин ҷо дили ҷамъ гавҳари ноёб аст.

Дар соғари вазъи мо маи-нобе ҳаст,
Кайфияти бениёзӣ-асбобе ҳаст,
Ошуфтагии табиати маҷнунем,
Моро дар сояи парӣ хобе ҳаст.

Мунъим азбас ғурури зар ҳосили ӯст,
Ваъз аз ҳама зиндагеш — доғи дили ӯст,
Бармегардад зи ҷоҳ табъи саркаш,
Чун оташ чарб шуд нафас қотили ӯст!

З-ин ҳирс, ки беқаноатат сохтааст,
Аз ҳар тарафат гарди тамаъ тохтааст!
Ғайр аз зиллат дигар чӣ хоҳӣ дидан,
К-ойинаи обрӯ сафо бохтааст!

Бар сурати кори худ гар афтад назарат,
Аз кини касон гул накунад ҷуз ҳазарат.
Теғе, ки ба рӯи дигаре мебозӣ,
Чун во нигарӣ гузашта ёбӣ зи сарат.

То маҳфили даҳр сози тақрир андӯхт,
Сад шӯъла чароғаш ба забон омаду сӯхт.
Дидем, ки чун оташи ёқут намурд
Шамъе, ки дар ин базм хамӯшӣ афрӯхт.

Эй карда ғазаб зи огаҳӣ бехабарат,
Боз-аз кина, намонда ростӣ дар назарат.
Қавлу феъли ту бас, ки идбор андӯхт,
Шуд пайрави дум чу тир минқору парат.

Ҳарчанд нафас ба сад хурӯшам дол аст,
Аммо чӣ кунам, забони чуръат лол аст.
Чун шамъ аз он табе, ки дар дил дорам,
То нола ба лаб мерасадам табхол аст.

Шеърам ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақту он фуруд омадааст,
Таврот набуд, то бигӯям, ки ҳама
Якбора зи «осмон» фуруд омадааст.

Гаҳ дар ҳарам аст шӯри истиғфорат,
Гоҳе дар дайр доғи оташкорат,
Аз ҳеҷ алам мекашию ҳеҷ най,
Лаънат ба хаёли субҳаю зуннорат.

Мебинӣ — нақши даҳр бар токи ҳавост,
Мегӯӣ — ҳар чӣ ҳаст асбоби фаност.
Бо ин ҳама, ҳеҷат аз худ огоҳӣ нест,
Эй кӯри ҳазорчашм чашми ту кучост?!

Эй ҷавҳари ахлоқу вафо фарҳангат,
Ҷуз сулҳ мабод ойинадори ҷангат.
Аз ҳар кӣ дилат ғубори нафрат чинад,
Баргард чунон, ки бар нагардад рангат.

Фаҳме нагумоштӣ ҳисобат бо кист?
Таълими хату дарси китобат бо кист?
Гуфтӣ: «ҳама ӯст!» Чашм бикшову бубин,
Эй олими ҷоҳил, ин хатоят бо кист?

Бедил, ба саводи бекарони ин дашт,
Ҳар кас ҳар сӯ рафт, дигар боз-нагашт.
Чун мову ту рафтаҳову боз-оянда
Бисьёр гузаштаанду хоҳанд гузашт.

Шоҳо нахӯри бозии ҷоҳи шатранҷ,
Мағрур нагардӣ ба сипоҳи шатранҷ!
Шоҳ он бошад, ки дар адабгоҳи ниёз,
Аз «шаҳ!» — гуфтан, рамад чу шоҳи шатранҷ.

Эй моили дӯстӣ, ба авҳом мапеч,
З-ин моя ишрат ба ҳамин ном мапеч.
То тӯҳфаю ҳадьяе набошад ба миён,
Бар дардисари номаю пайғом мапеч.

Он шӯх, ки ғорати шикебой кард,
Моро чанде кабоби танҳой кард.
Гар дар раҳаш имрӯз нигах рехт, ба чашм
Нақши қадамаш мардумакорой кард.

Зӯҳҳод он сӯфиёни фитрати мардонанд,
Дар маъбади шавқи нестӣ фардонанд.
Як раҳ хабар аз коғази оташзада гир,
То сӯхтагон чӣ субҳа мегардонанд.

Ин дашт зи чахл, корвонҳо дорад,
Аз кӯшиши раҳравон нишонҳо дорад,
Якбора наметавон расидан ба камол,
То бадр — хилол нардбонҳо дорад.

Он гулшани ноз ранги дигар дорад,
Он кӯҳи виқор санги дигар дорад.
Ҳарчанд табассумаш нигористон аст,
Чини абру фаранги дигар дорад.

Имрӯз, ки умр об дар ҷӯ дорад,
Хуш он, ки ба матлабе тако-пӯ дорад.
То ҳаст нафас камини фурсат магузор,
К-ин гард сурогьи рами оху дорад.

Абр асту ба боғи мо тараб меруяд,
Наэзора зи сайр ранги гул мебӯяд.
Фавворавву об чун навои қумрӣ,
Бо мисраи сарв ҳамсарӣ мечӯяд.

Ҷое худият нози ҳақиқӣ дорад,
Ҷое осори кибру даъвӣ дорад.
Дар ҳар сурат набошӣ аз худ ғофил,
Ин лафз ҳазор ранг маънӣ дорад.

Миқдори мае, ки ишқ бар дил паймуд,
Натвон ба фусуни ақл кам карду фузуд.
Он об, ки бурдааст теғ аз оташ,
Ҳам оташ метавонад аз теғ рабуд.

Зуммо на ҳамин савту садо мегӯяд,
Аксар ба ишорату адо мегӯяд.
Бе кому забон ҳазор ҳарф аст ин чо,
Ойина ба рӯи ту чиҳо мегӯяд?!

Бедил, чи қадар бар ту нафас сӯхтаанд,
Қ-ин шӯълабаён каломат омӯхтаанд?!
Эй шамъ зи партави ту андеша гудохт,
Гӯё ба гудози дилат афрӯхтаанд!

Афсӯс, ки дил таҳияи ҳуш накард,
Хун гаштту чуз афсуни амал гӯш накард.
Ин занг чӣ чилваҳо, ки дар парда насӯхт?
Ин ном чӣ шамъҳо, ки хомӯш накард?

Марде, ки палангу шер меандозад,
Ғардан зи ҳаё ба зер меандозад.
Гар мардиҳо зӯри камони лоф аст,
Наддоф беҳ аз ту тир меандозад.

Халқе Тури * сифоту асмоъ фаҳмид,
Аз ваҳдату касрат анчуманҳо фаҳмид.
Он мусталиҳоти мубтазал гашт куҳан,
Акнун бояд маонии «мо» фаҳмид!

Чанде Ҳаллоҷ кӯси ришу фаш зад,
Охир ба қаландарӣ маи беғаш зад.
Яъне аз коргоҳи пучи авҳом
Он пунба, ки анбошта буд оташ зад.

То кай ба умед дил мукаддар гардад,
Ё дида дар интизор музтар гардад?
Бурдааст ба ёр бехудӣ пайғомам,
Қосид роҳе надошт то баргардад.

Ҳар кас чамани тарабнумуе дорад,
З-ин боғу баҳор орзуе дорад.
Ман дар ёдат бо дили маъюс хушам,
Ин ойинаи шикаста рӯе дорад.

Мунъим паси марг санг-сораш созанд,
Яъне ба зару сим мазораш созанд,
Гар соҳиби ҷавҳаре бимирад дар фақр,
Тобут зи тахташ чанораш созанд.

Ёрон, боле ба бисмилам бояд дод,
Обе ба ғубори ҳосилам бояд дод,

---

* таври.

Аз маъҳии бедилӣ агар огоҳед,
Ман бобӣ тараҳҳумам, дилам бояд дод!

Чинсе, ки ба халқ мояи суд шавад,
Чое натавон бурд, ки мардуд шавад.
Бар бебокон фасонаи шарм махон,
Обе ки бар оташаш заниҳ дуд шавад.

Эй кӯҳнахаёлон, ки дар андоз навед,
Яъне пайи шӯҳратталабӣ ҳарзадавед.
Ҳангомаи мардҳо дар ин ҷо гарм аст,
То чашми касе боз шавад сурма шавед.

Доно ҳар ҷо ба саъйи эҳсон кӯшад,
Бар одам ноз коҳу ҷав нафрӯшад.
Гар ҷуд куни мавқеи онро бишинос,
З-он сон макушо даст, ки чашмат пӯшад.

Дуньёдоре, ки марг накдаш мебурд,
Мушти дираме дар кафи дарвеш шумурд...
З-ин ғусса, ки зар чаро ба ғорат додам?
Чун сиҳҳат ёфт, бадтар аз мурдан мурд.

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад.
Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.
Ҳар санги табиатӣ нагардад ёқут,
Ҳар қатраи обе дури макнун нашавад.

Онро, ки камоли фазл ёвар гардад,
Авроқи газанди тапишаш баргардад.
Оби дарьё бо онҳама шӯриҳо,
Ширин гардад даме, ки гавҳар гардад.

Ӯ то чӣ қадар ба забти дил пардозад,
К-ӯ то чӣ қадар ба забти дил пардозад?!
Аз ҳалқайи зулф домӣ мӯе дорад,
Мӯ то чӣ қадар ба забти дил пардозад?!

Баъзе зи ҳавои маю гул мегузаранд,
Баъзе зи вараъ ба завқи мул мегузаранд.
Бедил, з-он қавм боядат кард ҳазар,
К-аз оби рухи хеш ба пул мегузаранд.

Ҷуз вачди талаб нашъаи идрок надид.
Ҷуз саъйи уруҷ решаи ток надид.
Ҳиммат зи талош во-намонад ҳаргиз,
Кас чеҳраи гардун зи арақ пок надид.

Дуньёдорон, ки фикри хоме доранд,
В-аз кибру ғурур вазъи доме доранд,
Дидем, ки ин сангдилон ҳамчу нигин,
Аз чини ҷабини хеш номе доранд.

З-ин сон, ки сарат гирди сари нон гардад,
Душвори ту он нест, ки осон гардад.
Серӣ чун осиё набинӣ, ҳарчанд
Ачзои ту ҷумла сарфи дандон гардад!

Он ҷо, ки хироми ту расой мекард,
Ҳасрат андози ҷабҳасой мекард.
З-он бӯса, ки наззора баёнаш медод,
Мижгон вараке чанд ҳиной мекард.

Де подшаҳе тароши ришаш хуш буд,
Имрӯз шаҳе дигар дари манъ кушуд.

Дар дидаи эътибор, аз рӯи * ду шох
Ҷуз пашм набуд ончӣ коҳиду фузуд.

З-он гуна ки ҳар беша паланге дорад
Ё ҳар дарьё ба бар наҳанге дорад,
Бар соҳиби таслим набоӣ дами теғ,
Ин шакли камон низ хаданге дорад!

Дил аз табу тобе, ки нафас берун дод,
Чандин асари айшу алам кард эҷод.
Чун қуфли фаранг аз ин тилисми ҳайрат,
Дар раҳни калид аст чӣ басту чӣ кушод.

Аз хушку тар он чӣ бетааб ҳосил буд,
Дидем, ки ҳирси башараш оқил буд.
Аз ҳурмати фил соиле мепурсид,
Ринде фармуд: «Куштанаш мушкил буд!»

Охир дили ноумед музтар гардид,
Бо хок зи бекасӣ баробар гардид.
Гуфтам ба сарам соя кунад мижгонаш,
Баргашт чунон, ки соя ҳам баргардид.

Зоҳид бояд бар ину он даст афшонд,
Охир Ризвон ба ҷаннатат хоҳад монд,
Он ҷо мисвоку шонаю наълайнат
Бо риш ҳамон буруни дар хоҳад монд!

Аз дарди ту кӯ диле, ки бетоб нашуд,
Ё дида, ки аз шавқи ту бехоб нашуд,
Хокистар аз он ба чашми ойина заданд,
К-аз дидорат ҷудо шуду об нашуд.

---

* аз ҳукми.

Зоҳид, ки яқинаш ба гумон меларзад,
Чун даъвию лоф аз имгиҳон меларзад,
Дар айни савоб ҳам хатояш боқист,
Тирри каммашқ бар нишон меларзад.

Гар табъи туро асир ҳунар мебояд,
Инсофу камол рохбар мебояд!
Го назми матини Бедил орӣ ба рақам,
Килки фӯлоду оби зар мебояд!

Сад ҳайф, ки мулло ба ҷадал монл шуд,
Пиндошт, ки олим шудаам, ҷоҳил шуд,
Яъне то лофи дониш орад * ба миён,
Авқоти хузури маънавӣ ботил шуд.

Дарьё? — обаш зи ҷӯи дил меояд!
Сахро? — гардаш зи кӯи дил меояд!
Ин хуни фасурда то кучо дорад хуш,
Аз Бедил низ бӯи дил меояд!

Пирӣ варақи нашъунамо баргардонд,
Аз дафтари умр огаҳӣ ҳайрат хонд.
Дигар чӣ савод мӯ тавон равшан кард?
Хат рафту ба ҷои он раги мистар монд.

Табъат чӣ кунад, гар на шарор ангезад,
Е фитнаи мастиву хумор ангезад?
Хоке, ки зи бе-намӣ ғубор ангезад,
Ночор чу гул шавад ба хор ангезад.

Уқбо мушкил, ки аз ту дуньё нашавад,
Ончо чу расидӣ, бачуз инчо — нашавад!

---

* омад.

Ҳолат ҳама ҷо ғолиби истиқбол аст,
Ҳушдор, ки имрӯзи ту фардо нашавад!

Хомӯш созе, ки неши мизроб нахӯрд,
Бе гавҳар риштае, ки ӯ тоб нахӯрд.
Фонусию шамъи эътибор? Осон нест!
Ёқут ба ғайри хун шудан об нашуд!

Ҳар ҷо асари лутфу карам мебошад,
Гармӣ бо табъи шахс зам мебошад.
Аз тинати афсурда мачӯед ахлоқ,
Бӯи гули сармозада кам мебошад.

Имрӯз насими ёри ман меояд,
Бӯи гули интизори ман меояд,
Вақт аст, ки з-он ҷилва ба ранге бирасам,
Ойинааму баҳори ман меояд.

Де шавқ ба хун тапида бас музтар буд,
Андеша ба тоби ҳасрати дилбар буд.
Имрӯз баҳор кард истиқболам,
Дар рафтани дил омадане дигар буд.

Парвози сипанд оташе мехоҳад,
Ҷавлони фишурда абраше мехоҳад.
Бихром ту ҳам, ки нотавонони туро,
Аз худ рафтан асокаше мехоҳад.

То коми таматтӯъ зи лабат бардорад,
Май ҳалқа ба гӯш аз хати соғар дорад.
Бе васли баногӯши ту ҳар ҷо дидем,
Оҳест ҳамон ришта, ки гавҳар дорад.

Ҳар гӯш кучо лутфи сухан мешунавад,
Бар дил хонам, ки ёри ман мешунавад.
Дар арзи адаб машраби булбул дорам,
Менолам пеши гул, чаман мешунавад.

Бехост, рамузи муқтазийёти вучуд,
Аз пардаи чашм мезанад чӯши намуд.
Мушкил, ки шавад зи вазъи бедориву хоб,
Бар кас дари огоҳиву ғафлат масдуд.

Бигзар зи камини шӯртабъон, ки мабод
Корат кашад аз сози ҳаловат ба фасод.
Ҳар шири латифе, ки панираш карданд,
Аз худ занбӯрхонаҳо кард эчод.

З-ин рамз, ки моҳи бекалаф кам бошад,
Ибрат мефаҳмад он, ки одам бошад.
Яъне, дар пеши по сиёҳӣ дорад
Ҳарчанд чароғи осмон ҳам бошад.

Пирӣ буньёди зиндагӣ барҳам зад,
Аъзо хушкӣ гирифту мижгон нам зад
Доман бар чашми тар фурӯҳишт абру
Чун хонаи кӯҳнае, ки тоқаш хам зад.

Дар мадраса як умр ба азми беҳбуд,
Хомон пухтанд ба дегҳои мақсуд,
Имрӯз, ки саъйи якдигар пурваҳм аст,
Маълум шуд инқадар, ки пур-бемаза буд.

Фитрат агар андуҳи хуморе бикашад,
Бояд хамьёзаи баҳоре бикашад.
Наққош, хуш аст аз мижаам хома кунад,
То дар сари роҳат интизоре бикашад.

Зоҳид, созат таронаҳо мехоҳад,
Ғасбеҳи ту дому донаҳо мехоҳад,
Сарчанг басест дар ҳавасгоҳи амал,
Ин риши дароз шонаҳо мехоҳад.

Субҳи тараб аст чузву кул механдад,
Дилтангӣ чанд, чоми мул механдад.
Дар боғ расидай, замоне во шав,
Бар ғунча-нашастани ту гул механдад.

Дар тачрубагоҳи олами сулҳу набард,
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард?!
Чахди инсон бар ин наёмад, вар-на
Гардунро низ бар замин меовард!

Ёрон, ки маи нишоти беғаш задаанд,
Бар чангу рубобу наи дилкаш задаанд,
Бе рӯи ту аз сайри гулу маҳтобам,
Дар пунба гирифтаанду оташ задаанд.

Кини ҳама кас фитнасамар мебошад,
Лек аз укало,— тунд-асар мебошад!
Он дуд, ки аз чароғи равшан хезад,
Аз ҳар дуде сиёҳтар мебошад!

Сад басту кушод бо ҳам омехтаанд,
То ранги бинои ин чаҳон рехтаанд.
Дилтанг мабошед, ки монанди ҳилол,
Пеши ҳар дар калиде овехтаанд!

Ойина чунуни накшам овард ба ёд,
К-аз чавҳар чок зад ба чайби фӯлод!
Боре афтод бар нигин аз номам,
К-аз пардаи кӯҳсор шунидам фарьёд!

Го ҳамсафарон мувофиқат-оҳанганд,
Дилҳо бе ваҳми манзилу фарсанганд!
Ҳар гоҳ вифоқ шуд инонтоби вафо,
Дар ҳар роҳе ки по гузорӣ, санганд!

Дӯш, ин дили хунчакида паҳлӯи ту буд,
В-ин дидаи ҳайратзада бар рӯи ту буд,
Овора саре, ки ин замон дар ба дар аст,
Рӯзе ду аз ин пеш ба зонуи ту буд.

Ин дашт ғубори намакине дорад,
Ранҷи осоиш-офарине дорад.
То шавқ нагардад аз тако-пӯ маъюс,
Ҳар хор неши таранҷабине дорад.

Имшаб наззора ҳар кучо мепӯяд,
Аз настарани субҳ суман мебӯяд,
Аз сайри сипеҳр бизарад маҳтобаш,
Ин шиша ба май рӯи парӣ мешӯяд.

Бар бадгуҳар имдоди танидан насазад,
Аз тарбияташ фусундамидан насазад.
Шамшер, ки ҷуз кинакашӣ созаш нест,
Сайқалзадану фасонкашидан насазад.

Эй мағрурон, ки масти тахту кулаҳед,
Бо дарвешон чаро ҳақорат-нигаҳед?
Дар мову шумо ҷуз ин чӣ пасту чӣ баланд,
Мо хокшаҳем, агар шумо бодшаҳед!

З-он ном, ки бӯи васли ҷононам дод,
Бояд ҷонҳо ба завқи унвонам дод.
Бурдам ба чаман паёме аз бӯси лабаш.
Ҳар барги гулаш ҳазор лаб понам дод.

Ранҷу таабе чанд, ки пур-бекоранд,
Умрест дар изои дили беморанд!
Ман—бедилу ин ҷумла—мурувват-душман,
Дурам зи ту дидаанду меозоранд!

Занҷири тааллук агар оҳан дорад,
Рабташ ба тағофуле гусастан дорад.
Ҳар санг, ки дастгоҳи ин кӯҳсор аст,
Дар гардиши як чашм фалохан дорад!

Аз лаъли ту шӯри суханам қанд кашид,
Субҳи нафасам ба он шакарханд кашид.
Наққоши хаёл нақши пироҳани ман
Ҷуз домонат наёфт, харчанд кашид.

Халқе аз фитрати залолат-тамҳид,
Бар муршиди хамр нек бастаст умед,
Чун зумраи хорҷӣ, ки дар рӯзи «ҷазо»,
Дорад чашми «шафоат» аз рӯи Язид.

Ёрон, худро даме ба худ боз-диҳед,
Нақше, ки нуҳуфтаед парвоз диҳед.
Дил аз бари мо дур нарафтааст ҳанӯз,
Ин ойинаро ба сайқал овоз диҳед.

Боре, ки фалак ба гардани мо афканд,
Ҳиммат бардошт, токаташ во-афканд!
Гар сӯхтанӣ буду гар афрӯхтанӣ
Шамъ он чӣ ба сар гирифт дар по афканд.

Бедил, ки на кулфате, на ранге дорад,
Хурсандии табъи гул-ба-чанге дорад.
Хокаш чу саҳар гар ҳама барбод диҳанд,
Ҳангоман хусни нимранге дорад.

Ҳар чо ҳусне ба олами имкон буд.
Аз хубони диёри Ҳиндустон буд.
Дил бурдан кори ҳар сияҳчурда кучост,
Албатта, ки Лайло ҳам аз ин сайрон буд.

Аз ишқ дили ту мунҳарифкеш омад,
К-осори шукукат аз яқин пеш омад.
Он кас, ки зи офтоб рӯ баргардонад,
Чуз соя дигар чӣ хоҳадаш пеш омад?

Бадгавҳар агар наботу лавзина хурад,
Аз тирадилӣ ҳамон ғами кина хурад.
Ҳаргиз накунад ғайри кудурат зоҳир,
Ҳарчанд, ки ранг оби ойина хурад.

Мастон, лаби чоми шиква беҳарф кунед,
Маҳтоби хушест, дил чаман-тарф кунед,
Имшаб ҳар чост пунбаи миноӣ,
Бар ҳавсалаи торакатон сарф кунед.

Номарде агар ғурури саркаш дорад,
Номунфаилиҳҳош мушавваш дорад!
Ғайрат дар табъи беҳаё мумкин нест,
Ҳар санг, ки об дорад оташ дорад!

Иқболи расо ба ачз ҳамсар бошад,
То қанди ҳаловаташ мукаррар бошад,
Дар найшакар аз банди дигар мумтоз аст,
Ширинин банде, ки фурӯтар бошад.

Ахлоқ дамс, ки мояи нанг шавад,
Ночор қавофии ҳаё танг шавад.
Чун об бурудати ҳаво бинад беш,
Худро дар хеш дуздаду санг шавад.

Хасмон ҳама бар ҳучуми меғ омалаанд,
Дар сояи барқи бедареғ омадаанд,
Ин гарданҳои саркашӣ бурда ба чарх,
Чун мӯи баланд зери теғ омадаанд.

Гар мард мусаххари хасон хоҳад буд,
Бе-шак, нанги муханнасон хоҳад буд,
Он шер, ки тобеи сагон хоҳад буд:
— Ҳамчинси зи гурба камтарон хоҳад буд!

Точанд талаб рангу қарорат шиканад,
Ё ваъда ба гарди интизорат шиканад?
Он шиша, ки дар токи тавакқӯъ дорӣ
Бар санг андоз, то хуморат шиканад!

Дил шӯре нест, к-аз чунун парҳезад,
В-аз хок шудан ба сози сабр омезад.
Ин «фитна» сипандест, ки дар оташ ҳам
Ҳарчанд зи по нишонияш бархезад.

Сӯҳбат шабу сайри гул саҳар мехоҳад,
Ҳар соз таронаи дигар мехоҳад.
Дар пириам аз лаъли бутон нест гузир,
Ё беандозӣ ширу шакар мехоҳад.

Имрӯз, ки пириву қадат хам дорад,
Фурсат зи сару барги амал рам дорад,
Зинҳор зи поси дил нагардӣ ғофил,
Ин токи шикаста шишае ҳам дорад.

Гар шахс ворастагӣ таманно дорад,
Бояд худро зи карру-фар во дорад.
Занчирии иқболи расо натвон зист,
Домони баланд печиши по дорад.

Бояд дилат аз лаҳву лааб канда шавад,
То ҳарфи ту бовиқору арзанда шавад.
Гар масхараи бисоти одоб най,
Ҳайф аз ту, ки лабкушуданат ханда шавад!

Инсон нигаҳаш никоби мижгон надарад,
То хоре аз эҳтиёч домон надарад.
Дидем, аз остин наёмад берун
Дасте, ки чаҳор чо гиребон надарад.

Мунъим, ки ба ҳоли фукаро во нарасад,
В-аз кибр нигоҳаш ба таҳи по нарасад,
Зуд аст сари ғурураш аз раъной,
Чое бирасад, ки гардан он чо нарасад.

Дилро бо он, ки табъи беғаш дорад,
Хосияти асбоб мушавваш дорад.
Моҳӣ з-он хорҳо, ки дар пайкари ӯст,
Ҳарчанд дар об хобад оташ дорад.

Он кас, ки ҳаё далели роҳаш бошад,
Аз аксари офот паноҳаш бошад.
Камтар чинад ғубор аз ин роҳи ҳавас,
Чашме, ки ба пеши по нигоҳаш бошад.

Бедил, лаби ҳирси беҳаё баста нашуд,
Роҳи талабе, ки дошт во, баста нашуд,
Пушту шикамаш дар таҳи ноп гашт нихон,
Аммо даханаш чу осиё баста нашуд.

Ёрон, гули ибрате ба доман бикунед,
Дил чамъ зи хар мотаму шеван бикунед,
Ман дур зи ёр зиндаам -- марг ин аст,
Гар чашме хаст, гирья бар ман бикунед.

Гесуҳоят расову ғораткешанд,
Пеши хами турраи ту сар дарпешанд.
Он ҷо, ки қади ту мекашад гардани ноз,
Ин қоматҳо асокашони хешанд.

То кай ба нишот муттаҳам бояд буд;
Номаҳрами асрори алам бояд буд?!
Инҳо шарафи силсилаи одам нест,
Гоҳе дур аз «биҳишт» ҳам бояд буд!

Фитрат бо ҳазор парда ҷусту-ҷӯ кард,
Онгаҳ гули боғи бениёзӣ бӯ кард.
Аз ҳар суханат даме, ки дил ҷамъ шавад,
Хоҳӣ ба сӯйи каломи Бедил рӯ кард!

Гар сифла барои худ каруфар дорад,
Оби рухи иззаташ кӣ бовар дорад?
Ҳарчанд баланд гашта бошад девор,
Хоки таҳи пост он чӣ бар сар дорад!

Ҳар мавҷу қатрае ки музтар гардид,
Аз васли садаф соҳиби лангар гардид.
Бод аст сухан, лек ба назми шуаро
Чун мавзун шуд садди Сикандар гардид.

Гуфтам бо шамъ, к: — «Аз тамошои ҷадид
Ҳар субҳат чанд чашм бояд пӯшид?»
Гуфт: «Анҷумане ки шаб ба-роҳат хуспанд,
Рӯзона ба изтиробашон натвон дид!»

Умр аст, ки ранг аз ҳама гардонда равад,
Чун барқу шарор доман афшонда равад.
Дил ҷамъ кун аз касе, ки аз хирасарӣ,
Нохонда ба базм ояду норонда равад!

Ҷамъе ба ғурури «хулду ризвон» задаанд,
Ҷамъе ба ҷунуни «куфру имон» задаанд.
Аз ваҳм пур аст чор сӯйи имкон,
Ин «нек-матоон» ба чӣ дӯкон задаанд?!

Хушкӣ наравад зи хоку ваҳшат аз бод,
Об асту — тарӣ, оташу — барқи бедод.
Номӯси зуҳур сахт домангир аст,
Бар гардани ҳар кӣ ҳар чӣ афтод — афтод!

Шоҳон, ки зи худсарӣ ҷаҳонтасхиранд,
Дар дахли умури ҳақ халалтадбиранд.
В-ин бекорони ғарраи ҷоҳу ҳашам,—
Ангушти зиёди панҷаи тақдиранд!

Боз он маҳи тобон зи сафар меояд,
Соғар дар дасту гул ба сар меояд.
Эй дида ба худ бибол, к-ӯ номадда, боз
Дил мераваду ҷон ба назар меояд!

Эй ойина, манзалат муборак бошад,
Шуд ҷилва муқобилат, муборак бошад!
Омад зи сафар касе, ки дил бо ӯ буд,
Бедил, акнун, дилат муборак бошад!

Дар мадраса ҷамъе, ки фароҳам гаштанд.
Медонӣ, аз кучо мукаррам гаштанд?!
Полону ҷулу фасор мехост харӣ,
Аз бесомонӣ охир «одам» гаштанд!

Ҷамъе за баҳори накд айш-ойинанд,
Ойина ба дастанду чаман мебинанд.
Ҷамъе ба хаёл менишонанд ниҳол,
То субҳи «қиёмат» дамаду «гул» чинанд.

Дилро чӣ умед доми таскин гардад,
То талхии интизор ширин гардад,
Дар ҳасрати умри рафта заҳмат набарӣ,
Ин нест чаман, ки боз рангин гардад.

Дар маҳшар агар расиданӣ хоҳад буд,
Ҷӯши гулу лола диданӣ хоҳад буд,
Дӯзах бо он ҳучуми дуду оташ,
Як танбоку кашиданӣ хоҳад буд.

Кибру ҳасаде, ки мардум андӯхтаанд,
Бояд фаҳмид аз кӣ омӯхтаанд?
Шайтон умрест мурдаю мӯътақидон,
Бо ҳам шамъи мазораш афрӯхтаанд!

Сеҳри зулфат тӯҳмати ботил накашад,
Номаш ба забон ғайри салосил накашад.
Наққош агар ба хома бандад * мӯяш,
Ҳарчанд ба хун тапад, ки ҷуз дил накашад.

Судат зи шикасти мо зиён мегардад;
Ҳарчанд баҳор аст — хазон мегардад.
Ойина замоне, ки зи даст афкандӣ,
Тимсоли ту аз дида ниҳон мегардад!

З-ин шӯъбадаҳо, ки чархи мино дорад,
Гардидани ранг бо чаманҳо дорад,
Гаҳ тифлию гаҳ шабоб, гоҳе пирӣ,
Бозигарии умр тамошо дорад!

Ҷамъе ба хаёл толиби уқбоянд,
Имрӯз ҳалоки ишрати фардоянд,

---

* печад.

Аз бас, ки тамиз нест дар тинаташон,
Номунфаили таваққуи бечоянд!

Дил бас, ки хаёлат ба назар медорад,
Ҳасрат ҳама вақтам таҳи пар медорад.
Хокам паси марг агар ғубор ангезад,
Уммеди нигоҳе мижа бармедорад!

Таҳқиқ — ҳузури накдбин мебошад:
Нафйи шаку исботи якин мебошад.
Бӯбакр он гуфт? Бӯ-Алӣ кард чунин?
Эй бехирад, он фасона — дин мебошад!

Табъе, ки мизоҷи кинахоҳӣ дорад,
Дар касби ҳаё низ табоҳӣ дорад,
Чун санг, ки қир чӯшад аз буньёдаш,
Ҳарчанд арақ кунад сиёҳӣ дорад.

Бар маънии нозук натавон мастӣ кард,
Ё нози расоиву забардастӣ кард.
Мӯи чинӣ дар ин ҷунунхонаи лоф,
Чандон, ки баланд шуд, садо пастӣ кард.

Назме, ки ба сад мавҷи гуҳар механдад,
Ҳошо, ки ба силки худсарӣ пайвандад.
Ҳаргоҳ арақ мекунам аз шарми камол,
Пешонии фитрат ин гиреҳ мебандад.

Онам, ки тапидан аз дилам гум нашавад,
Саъйи талаб аз обу гилам гум нашавад.
Ҳарчанд чу шамъ аз мукимон бошам,
Сарриштаи раҳ ба манзилам гум нашавад.

Гар дарси хату китоб хуш меояд,
Ё ҳарфи гулу шароб хуш меояд,
Бе бода фаромӯшӣ аз ин ҷумла чи суд?
Афсона ба завқи хоб хуш меояд.

Аз ғайб, магӯ: ҳамин каму беш оранд;
Матлуби шаҳу муроди дарвеш оранд!
Ҳангоман ҳиммат-озмоён гарм аст,
Беҳ з-он чӣ ту розӣ бишавӣ, пеш-оранд.

Бедил, нафасат гарди шарар бехтаанд,
Аз пардаи носӯри чигар бехтаанд.
Миннаткаши гардуни мушаббак нашавӣ,
Хоки ту ба ғирболи дигар бехтаанд!

Ёрон, ки зи тавфиқ инон тофтаанд,
Идбори сару барги ғано ёфтаанд,
Чун шамъ ба поси обрӯи хиссат,
Дастори сар аз ришгаи по бофтаанд.

Он қавм, ки бар мизоҷи-ҳам сам бошанд,
Он беҳ, ки қариби якдигар кам бошанд!
Исми ҳамсоягӣ ба ин шарт хуш аст,
Ки инҳо бояд ба сояи-ҳам бошанд!

Хоке афсурд сурати зар бастанд,
Дуде пуровоз сӯхт ахгар бастанд.
Асрори ғано зи фақри мо пинҳон нест,
Бар қатра кушуд он чӣ ба гавҳар бастанд.

Ҷамъе ҳавасандӯзи зару мис рафтанд,
Доданд ҳама ба боду муфлис рафтанд,
Сомони вуҷуду одамешон ин буд:
Бетамиз омаданду беҳис рафтанд.

Ориф на таайюн на ғуруре дорад,
Бо дидаву дил завқу ҳузуре дорад.
Аз шамъу чароғ ҳар кӣ ғофил нашавад:
Дар хонаи худ даъвати нуре дорад.

Ибратназарон, ки зишту зебо диданд,
Нуқсону камоли лафзу маъно диданд,
Малъун хонданд аз ин сабаб дуньёро.
К-ин чо соҳибдилон аламҳо диданд.

Эй пирон, харфи тараб соз кунед,
Чанде ба хаёл чавонӣ оғоз кунед,
З-он риш, ки аз хизоб мегирад ранг,
Ҳар мӯ қалами мусаввири ноз кунед.

Ашкам ҳар гаҳ ба ёди кӯи ту давид,
Афсуни тааммуле инонаш бикашид,
Нобаста гирех бар мижа, аз дила гузашт,
З-он пеш, ки нукта гул кунад, хат гардид.

Бедил, зи ту гар тааммуле меояд,
Дар соғари таҳқиқ муле меояд.
Дилро дарьёб, боғу бӯстон тоҷанд,
З-ин обила ҳам бӯйи гуле меояд.

Тақлид зи ҳар чӣ ранг мегардонад,
Ҷо бар сад табъи ланг мегардонад,
Ғалтидани як санг аз ин кӯҳи баланд,
Паҳлуи ҳазор санг мегардонад!

Боз аз ману ту асар кучо хоҳад буд?
Доғи дилу чашми тар кучо хоҳад буд?
Шаб то ба саҳар зи дард мегирьяд шамъ,
К:-«ин сӯхтанам дигар кучо хоҳад буд?»,

З-ин баҳр, ки лавҳи банду басте дорад,
Ҳар нақш, ки дидем шикасте дорад,
Аз ҷодаи сархати адаб нагзаштем,
Машқи мавҷи гуҳар нишасте дорад.

З-ин баҳр «муҳосибони фитрат» рустанд,
Аз сархати мавҷи ман матонат ҷустанд!
Настаълиқи амал «камоле» мехост,
Диданд шикаста менависам, «шустанд!».

Бар аҳли камол қадрдон мегирьяд,
Дарьёву замону файзу шон мегирьяд.
Рафтанд суханварону ҳар чо қаламест,
Бар маънию лафзашон ҳамон мегирьяд.

Танҳо ба забон н-омада номи ту лазиз,
Ё хӯрда ба гӯшҳо паёми ту лазиз,
Мижгон ҳам мемакад лаб аз чашмзадан,
Эй ҳамчу шакар гарди хироми ту лазиз.

Эй ойина-хӯ зи сина-софӣ магзар,
Аз таври вафои табъи вофӣ магзар,
Як бор зи ҳар кӣ дидабошӣ эҳсон,
То зиндай аз саъйи талофӣ мағзар.

Эй аз осори фазл нобурда асар,
Бар кӯшиши худ гумони таҳсил мабар.
Ибратҳо дорад, андаке чашм бимол,
Аз реша — давидану расидан — зи самар.

Бедил, зи ғаму нишоти даврон магзар,
Аз бешу ками мушкилу осон магзар.
Дар гулшани даҳр чун насими дами субҳ,
Озод дарову доманафшон магзар!

Бедил, дар нусхаи рамузи ашъор,
Айбам накунӣ ба нуктаҳои бекор.
Ҳушдор, ки дар назми вуҷуди инсон,
Чун нохуну мӯст узви беҳис бисьёр.

Мулзамтабъонӣ арсайи лофу ҳунар,
Ҷуз ҳуччати якдигар надоранд сипар,
Монанди хурӯсе, ки чу оҷиз гардад,
Дар боли ҳарифи хеш медуздад сар.

Ҳар чо бори асар намудаст зуҳур,
Пур беасарест маҳмили аҷзу ғурур.
Пинҳон кардаст дастгоҳи парвоз,
Дар бӯ кофур ҳамчу бӯ дар кофур.

Пай-бохтагони арсаи дуду ғубор.
Аз бас, ки надоранд ба дониш сару кор,
«Маркаб» хонданд чисмро, ғофил аз ин,
К-ин маркаб бар «савори» хеш аст савор.

Зоҳид савдои хулду ризвон бигзор,
Таъни куфру ғурури имон бигзор.
Эҳсон бар халқ кун, худо дар назар аст,
Ин тоати маҷҳул ба шайтон бигзор.

Аз зулм барои хеш маншур магир,
Худро бар аҷзтинатон зӯр магир,
Аз гурснагӣ бимир, аммо эйнҳор,
Он дона, ки дорад даҳани мӯр, магир!

Май дар қадаҳию мекашӣ ранҷи хумор,
Гул дар бағалию медавӣ бар сари хор,
То чанд, эй мавҷи ноумедӣ-оғӯш,
Аз бахр кашад завқи канорат ба канор?!

То айби ту сар наёрад аз парда ба дар,
Зинҳор макун талоши изҳори ҳунар.
Дар ойинаҳо назар куну ибрат гир,
Занг аст табассуме, ки дорад ҷавҳар.

Гул карда зи бенёзии ишқи ғаюр,
Асрори вучуду адам аз ҳам мастур,
Рӯзу шаби мо зи якдигар бехабар аст,
Не нур расад ба соя, не соя ба нур.

Ранге гул кардаам зи бӯ нозуктар,
Нақше зи хати миёни ӯ нозуктар.
Тасвири «ман» андаке таммул дорад,
Эй килки хаёли «яку-ду» нозуктар!

З-он пеш, ки гардам ошиқи занчир,
Озодагиям дошт ҳавои занчир,
Гуфтанд ҳадисе аз хами гесуе,
Карданд асирам ба садоӣи занчир.

Озодаму гаштаам ба бӯи занчир,
Мачнунии тааллук орзӯи занчир.
Чун нола ба ҳар тараф, ки рӯ меорам,
Бармегардам ҳамон ба сӯи занчир.

Эй ох, зи дил бол фишондӣ охир,
В-эй нола буруни сина рондӣ охир.
Эй ашк ту низ рехтӣ бар сари хок,
Дар хонаи чашми мо намондӣ охир!

Ҷахде, ки дар ин арсаи ташвишу ғубор,
Аз табъи дурушти ту намонад осор.
Ҳарчанд ду сангреза зери қадам аст,
Лағзиш фарш аст дар замини ҳамвор.

То аз хоби адам ҷаҳон шуд бедор,
Бетоби ҳавойи обу нон шуд бедор.
Во кардани чашм бе такозое нест,
Чун мижгон боз шуд, забон шуд бедор.

Пурсидам субҳгоҳӣ аз сарву чанор,
Ки-н боғ зи коми дил чӣ дорад дар бор?
Гуфтанд: намедамад дар ин ибратзор,
Ҷуз бори камар зи дастҳои бекор!

Бо ойина гуфтам, эй дилат чашмаи нур,
Аз бахри чӣ инқадар ба рангӣ маҳшур?
Гуфт аз назари ман анчуманҳо рафтаст,
Мотамзадаро сиёҳпӯшист зарур.

Дар заъми бароҳима аст говвор сувар.
То нашъаи огаҳист ташвиши башар.
Пайдост, касе ки маърифат ҳосил кард,
Фаҳмид, ки: рафта — боз-н-ояд дигар!

Иззат талабӣ, дил аз хасисон во-гир,
Дар сояи шафқати бузургон чо гир.
Аз чашмаву чӯ касе ба гавҳар нарасид,
Зинҳор, эй қатра домани дарьё гир!

Ҳарчанд чаҳон пур шавад аз гарди футур,
Бар домани покат нарасад чини қусур,
Хуш бош, ки сояи сиёҳӣ-тимсол,
Ҳаргиз набарад роҳ дар ойинаи нур!

Воиз, ба фусун дар дили мо тоб марез,
Беҳуда намак ба бодаи ноб марез.
Дамсардият ислоҳи мизоҷи мо нест,
Бар шишаи гарм бехабар об марез.

Ушшоқ ба оламе надоранд ниёз,
К-ин ҷо анҷом — нақш бандад оғоз.
Гар сози зуҳур тори имкон гусилад,
Моро чӣ ғам аст, умри зулфи ту дароз!

Гар санг най ба фаҳми зиру-бами соз,
Чашму гӯшат чаро намегардад боз?
Эй бехабар, ин анҷумани огоҳист,
Кар мефаҳмад ишорату кӯр овоз!

Эй пайкари дил гашт таҳайюр пардоз,
Сар то қадамат анҷумани шӯхию ноз!
Дилро зи сари зулфи ту мӯе кофист,
Ин мурғ ба як бол кунад сад парвоз.

Он чашмсияҳ моили ҷанг аст ҳанӯз,
Хун рехтаву теғ ба чанг аст ҳанӯз.
Гуфтам: мижаат ба сурма ғоратҳо кард!
Фармуд: ин дашт зери санг аст ҳанӯз.

То кай бошӣ дар ин тапишгоҳи гудоз
Аз сози ғано ба коҳиши ҷон мумтоз?
Дидем ҳақиқати хасу риштаи шамъ:
Бе чӯбе умри сӯхтан нест дароз!

Эй қасрнишин, ба гӯшагирон маситез,
Бахти ту чавон аст, ба пирон маситез.
Фиръавн ба он чашм чӣ дид аз Мусо?
Эй дуньёдор, бо фақирон маситез!

Нокис нашикебад зи малоҳӣ ҳаргиз,
Ваҳшат маписанд аз ӯ табоҳӣ ҳаргиз.
Чашме ки рамад ойинадораш бошад,
Моил нашавад чуз ба сиёҳӣ ҳаргиз!

З-он наргиси махмури тағофулпардоз,
Бар токи баланд аст маи шишаи ноз.
Гар сурма ба доди хоксорон нарасад,
Он ҷо, аз мо, кӣ мерасонад овоз?!

Эй партави фитратат хаёлот-афрӯз,
Зайтуни димоғи зулмату нур масӯз,
То меҳр ниҳон аст ҳамон рӯз шаб аст,
Чун берун тофт нест шаб ғайр аз рӯз.

Дар дайр шудам ба имтиҳони ноқӯс,
То дарьёбам рамзи фиғони ноқӯс.
Оташкадаҳо кард ниёзи ҷигарам,
Дарде ки надошт устухони ноқӯс.

Бедил, ба саводи водии ишқу ҳавас
Масруфи таваҷҷуҳест саъйи ҳар кас.
Ман роҳи сухан месипарам, маъзурам,
Коре беҳ аз ин наёмад аз рабти нафас.

Аз накди тамиз то набошӣ муфлис,
Табъат набарад асар зи симу зару мис.
Бар пайкари шахс агар ҳино барбандаш,
Рангин нашавад ба ғайри узви бехис.

Аз печу-хами сипеҳри найранг-қафас,
Ғофил табъе, ки рости кард ҳавас.
Ин шакли фусун ба ранги хатти паргор:
Ҳар ҷош назар кунӣ, качӣ дораду бас!

Эй хоҷа, ба саргармии асбоби ҳавас
То кай дамад оташат зи буньёди нафас?
З-ин дарк ки «шамъи маҷлис»-ат сохтаанд,
Бар ҳар узви ту гирья механдаду бас!

Гар олӣ ё донӣ кунаҷ майли ҳавас,
Он пеш барад камолу ин афтад пас.
Об аз оташ ҳаво шавад, лек оташ
Аз сӯҳбати об хок мегардаду бас.

Эй хомаи фитрати ту эъҷознавис,
Зиру-бами нағма дар-хури соз навис!
Тамкин сабти ҷаридаи ҳастӣ нест,
Бар коғази бод ҳукми «парвоз!» навис.

Ҳарф инсӯист, з-онсӯй ҳеҷ мапурс,
Аз ваҳм магӯй, аз «дуӣ» ҳеҷ мапурс!
Дӯшам ба дил аз ғайб расид овозе,
Гуфтам: чӣ касӣ? Гуфт: тӯӣ!, ҳеҷ мапурс!

Ҳар ҷо ғами сайқали ҳавас хӯрд нафас,
Ойина ҷило надиду афсурд нафас.
То чанд ситам кашид аз ин мурдадилон,
Бояд чу Масиҳо ба фалак бурд нафас.

Осори ҳақиқати таҳайюр-эҳсос
Берун аст аз иҳотаи ваҳму қиёс.
Эй кӯр, ойинаи далоил бишкан,
Кас домани тимсол нагирад ба мисос.

Дар печу хами ин ҷадал-ободи ҳавас,
Умре ба талош сӯхт андеша нафас,
Пайдо нашуд охир, чу бисоти шатранҷ
Як хона, ки бо ҳам бинишинанд ду кас.

Гар завқи раёсатест манзури ҳавас,
Бояд нашавад маҳрами корат ҳар кас.
Шайхӣ чун илми кимиё-асрорест,
К-аз олами худ ҳавсала мехоҳаду бас.

Йд омаду гул кард баҳори ҳама кас,
Олам чамане чӯш зад аз ишқу ҳавас.
Ба ҳар ранге ки ман назар во кардам,
Дидам, гирди сари ту мегардаду бас.

Де, дар чаманам буд камини наргис,
Ибратҳо чидам аз замини наргис.
Яъне: дидам ҳақиқати номварон
Аз хотамҳои бенигини наргис.

Аз аҳли чаман, ба қадри шони наргис,
Имрӯз кӣ мекашад камони наргис?
Ҳар ҳалқаи зар, ки буд дар гӯши шаҳон,
Аз хок рабудааст синони наргис.

Не ҷом ба каф, на гул ба чанг аст нафас,
Бар софии фитрати ту ранг аст нафас.
Дил равшан кун, рамузи ҳастӣ дарьёб,
То ойина гӯядат чӣ ранг аст нафас?!

Қайфияти рӯзу шаб зи афлок бипурс,
Гар май дар хум наёбӣ, аз ток бипурс.
То чанд суроғи рафтагон хоҳӣ кард?
Ёрон ҳама ҳозиранд, аз хок бипурс!

То кай қади фитнахезу зулфи саркаш?
Бардор яке ратли гарону даркаш!
То шашҷаҳатат як пари товус шавад,
Наққош, сувар чӣ мекашӣ? Соғар каш!

Соҳибназме, ки шуд суханчин «тарафеш»,
Зулм аст ба лафзи суст гаштан «ҳадафеш».
Алқисса, касе аз талабат ғофил нест,
Ҳар кас мехоҳадат ҳамон дархури хеш!

Эй ғафлатмашрабони нодонӣ-кеш,
В-аз ноқис-фитратӣ камолотандеш,
Умрест, ки дар баҳси ҳудусу қидамед,
З-ин беш махонед насабномаи хеш!

Эй «мағзи хирад», ғубори ташвиш мабош,
Аммома най, бузургӣ-андеш мабош.
Гар як сари мӯст одамият — кофист.
Чун хирс зи фарқ то қадам риш мабош.

Дар олами эътибор, шоҳу ларвеш,
Доранд ҳисори эҳтиёте каму-беш!
Бетадбирӣ — нишони офат шудан аст,
Девона магар ба санг дуздад сари хеш!

Ҳар чашма ба ҳасратест майли ҷӯшаш,
Ҳар мавҷ ба мақсадест боз оғӯшаш.
Бе нам набувад ҷабини асҳоби талош,
Ҳар дег таровишест дар сарпӯшаш.

Ин нозими дун, ки пастии мартабаташ,
Бар зулм шикаста домани маъдалаташ,
Бар-тофт зи назми аҳли маънӣ чандон,
К-аз назм асар намонд дар мамлакаташ.

Ин салтанату таҷаммулу карру фараш,
К-афзун зи даме чанд набинӣ асараш,
Хошоке гашта ҷамъ дар домани мавҷ,
Мушти хоке фитода боде ба сараш.

Аз хиссати чарху бо ҳарифон ҷадалаш,
Бар бадру ҳилол хатм кардам масалаш.
Яъне, анбонаш бас, ки тангӣ дорад,
Як нон ба ду ҳафта мекашанд аз бағалаш.

Аксар з-осори оламу хайру шараш
Сабт аст ба мулҳиёти * Бедил хабараш.
Имрӯз агар аз назарат пинҳон аст,
Фардо хоҳад аён намудан асараш!

Аз даъвии эҳсону ғурури нозаш
Тан зан, ки ба хиссат нарасад овозаш!

---

* мулҳақот.

Номи чизе, ки бар касе бахшидӣ
Ҳар гоҳ гирифтай,— гирифтӣ бозаш!

Табъе, ки нифоқ ҷӯшад аз унвонаш,
Бе тафриқа нест дастгоҳи шонаш.
Гандум, ки зи ҳайъаташ ҷудой пайдост,
Мушкил, ки дупӯст барнаёяд нонаш.

Золим ба уқубати «сафопарвари» хеш,
Мушкил, ки намоён накунад «ҷавҳари» хеш.
Сад бор шуд имтиҳон, ки гоҳи сайқал,
Шамшер бурид дасти сайқалгари хеш!

Бедил, ба ғурури фазл ҳарроф мабош,
Ҳангомагари зиру-бами лоф мабош.
Тору пуди қумоши даъво пуч аст,
Дар коргаҳи адаб нафасбоф мабош.

Аз шоҳ мапурсу ранҷи истиғнояш,
В-аз махмасаи тааллуқи дуньёяш.
То бод кулоҳаш нарубояд аз сар,
Чун шамъ дар оташ аст сар то пояш.

Осори камолу сонеу фарҳангаш
Аз ҷавҳари сунь во-кашу найрангаш.
Ҳар гаҳ тасвири офтоб андешӣ,
Бе оби зар имкон напазирад рангаш!

Бедил, агар аз доғи дили ваҳшаткеш,
Дар гӯши муҳит хонам афсонаи хеш,
Дар пайкари моҳиёни сард меёзад,
Фулс аз шарари коғази оташзада беш.

То чарх фурӯ намонад аз адвораш,
Таътил чӣ мумкин аст дар осораш.
Ин ҷо санги фасурда мебандад лаъл,
Дар кор аст он чӣ дидай бе-кораш.

Ҳар кас, нанамуд зиштхӯӣ саҳлаш,
Ҷуз нафрати халқ нест илму ҷаҳлаш.
Он ҳусн, ки гуфтаанд оламгираш,
Ҳусни хулқ аст, то кӣ бошад аҳлаш?!

Умрест, ки дар арсаи найранги ғараз,
Дорад баду нек сулҳ бо ҷанг, ғараз!
Гар рабти каломи «куфру дин» дар-ёбӣ:
Сози ҳама кӯк а́ст ба оҳанги ғараз.

Ифроти ғано ба табъ бошад тафриг,
Зи ин гарди ҳавас касофат андухт басит.
То кай ғами эътибор бояд хӯрдан?
Бар мавҷи ғуҳар танг гирифтаст муҳит.

Эй нусхаи фаҳми «аслу фаръи» ту ғалат,
Аз мабдаъ то миод — мавҳум фақат;
Ҷур аст муаммойи «яқин»-ат зи кушод,
Ҳар нукта нуҳуфтаанд «бод»-и сари хат!

Хуммор ба соғару сабуҳо маҳзуз,
Зоҳид ба таяммуму вузуҳо маҳзуз.
Халқест ба завқи ҷустуҷӯҳо хурсанд,
Бедил ба шикасти орзуҳо маҳзуз.

Гар ханҷари барқ дар камар дорад шамъ,
Бо наййири аъзам чӣ ҷигар дорад шамъ?
Чун найзаи килки ман забон бикшояд,
Аз сурмаи хомӯшӣ сипар дорад шамъ.

Умрест далели каму бешем чу шамъ,
Ойинанамои пасу пешем чу шамъ.
Моро натавон аз дигаре кард суроғ,
Худ оташи корвони хешем чу шамъ.

Бедил, чи қадар сӯхтаҷонам чун шамъ,
К-аз шавқи гудоз парфишонам чун шамъ.
То худ дар боғ бинаму гирья кунам,
Чашмест ниҳон дар устухонам чун шамъ.

Эй карру-фарат фасонаи лобаву лоғ,
Онгоҳ ба чархи ҳафтумат дуди димоғ.
Ҳушдор, ки дар ҳамин нишеман рӯзе
Бар шӯри ту низ мекашад бонг калоғ!

Эй вазъи тавозӯи ту аз олами теғ,
Сад фитна нишонда дар камини хами теғ.
Аз оташи кина инқадар тоб махӯр,
К-аз тундии об резад аз ҳам дами теғ.

Бил-табъ мизоҷи ҳосиди тирадимоғ,
Бар аҳли шараф нест раводори фароғ.
То арсайи қисмати ҳумо созад танг,
Пинҳон кунад устухон таҳи хок калоғ.

Сӯзанд шаҳонро ба табу-тоби димоғ,
То дарвешон зи амн гиранд аёғ.
З-он шӯъла, ки шамъи базм дар сар дорад,
Партав хуфтааст по ба домони фароғ.

Эй хирси ту дар молкаши Қорун-зарф,
Бар худ раҳме, ки бо чӣ мебандӣ тарф?!
Чун партави хуршед, ки тобад бар барф,
Зар мегардад ҷамъу ту мегардӣ сарф!

Зоҳид агарат ойина мекуд инсоф,
Бо дурдкашон дилат намешуд нософ.
Ришу дастор инҳама мағрурат кард,
Оташ дар коргоҳи пучи нашдоф!

Ку дайру кучо каъба дар ин дашти халок,
Халкест ба шуғли чонканиҳо бебок.
Ҳар кас сомони токате пайдо кард,
Сар кӯфт ба санг чун зарву кӯфт ба хок

Пеш аз гу буруни олами шубҳаву шак,
Осудагие дошт чӣ мулку чӣ малак.
Аз ваҳм таайюнат ба теъдод ошуфт:
Хафту шашу панчу чору севу дуву як.

Ин шоху гадо бе асари шубҳаву шак,
Дар сояи теғанд само то ба самак.
Баъзе бар рӯи тахту баъзе бар хок,
Бахри гарданшзадан нишондааст фалак.

Ғофил машав аз танури гарми афлок,
В-аз моилаи вифоку кайфияти хок.
Ин ҷо, умрест дом ба рушн-ҳаманд,
Чун гандуму нон гашта ҳазорон дилчок.

То чанд зи табъи пастат, эй беидрок,
Наргис шиканад кулоҳи шӯхӣ ба симо
Ҳайф аст ба он чашм муқобил шумарӣ
Чашме, ки ба ангушт бароранд аз хок.

Бар моидайи нону палови афлок,
Халқест зи дасти хӯрдани хуб ҳалок.
Бедандонон, навбати ширу ҳалвост,
Растед зи заҳмати хилолу мисвок.

Эй ҳастият аз сози нафас шӯъла ба чанг,
В-эй кисаат аз дасти пуриҳо дилтанг.
Точанд ваболи дӯши мардум гаштан,
Пои ту на бастааст ба гардан чу туфанг?!

Он Лайлни маҳталъату хуршедмисол,
Гар бигзарад аз хотири саҳро ба хаёл,
Аз шавқи суроғи маҳмилаш дашт ба дашт,
Чун соя давад сиёҳин чашми ғизол.

Роҳат маталаб зи боғи имкон, Бедил,
Сарву суман ин қост ҳамон пой ба гил,
Ҳам лолаи ӯро қадаҳи хун ба каф аст,
Ҳам ғунчаи ӯро гиреҳи ғам дар дил.

Эй ранги чаман ба қилваат рехта бол,
Чун нақши қадам гул ба хиромат помол.
Дар арзи саводи абруи мушкинат,
Чун абруи бемӯй сафед аст ҳилол.

Дар дайри мукофот ба фарзи такмил,
Машкан дили кас гар чй қимодест залил.
К-ин қо зи шарори санги бут, охири кор,
Зад оташи Намруд ба домони Халил.

Дорем ғаме з-он бути бадмаст ба дил,
Аммо на ғаме, ки боядаш баст ба дил.
Умрест нишастаем дар базми вифоқ,
У ҷом ба дасту мо ҳамон даст ба дил.

Мунъим то кард давлаташ майли завол,
Бо дарвешаш фитод оҳанги ҷидол.
Пайдост, ки сарфаи саломат кам бурд,
Он чинии ғофил, ки тараф шуд ба сафол.

Бар бом баромад он баҳори иқбол
То моҳи наваш кунад зи чарх истиқбол.
Дидем, зи шарми орази тобонаш:
Хуршед фурӯ-нишасту гул кард ҳилол.

Айши дуньё малол дорад ба бағал,
Шӯхӣ ҳама инфиол дорад ба бағал.
Ғофил машав аз ҳақиқати ранги ҳино,
Ин оташҳо зукол дорад ба бағал.

Будам гарди фасурдаи яъс-маол,
Парвоз ба бод рафтаву рехта бол,
Чун акс намуд доштам, лек ба ваҳм,
Чун субҳ нафас мезадам, аммо ба хаёл.

Ҳар он чи ки бошадаш ба афсона далел,
Бекории халқ шӯҳраташрост кафил.
Мусо то ҳол мешикофад дарьё,
Фиръавн ҳанӯз мехурад ғӯта ба Нил.

Гар ҳасрати мансабу ғаноест ба дил,
Аз хидмати фақру нотавонон магусил.
Он гарди ятимие, ки гавҳар дорад,
Яксар фарш аст дар бисоти соҳил!

Оташсифат аз «фасурдани» худ доғам,
Аз «кулфати» табъи равшани худ доғам,
Умрест суроғи ман дар ин маҳфил нест,
Чун шамъи зи дастрафтани худ доғам.

Ин сангдилони хоки асбоб ба чашм,
Як ашк надида шарми ахбоб ба чашм,
Маҳванд ба завқи хиссат-ороиҳо,
Чун ойина нон дар бағалу об ба чашм!

Умре ба дари каъбаю бутхона задем,
Гаҳ бар маъмура, гаҳ ба вайрона задем,
Мижгон бастему шуд чунунҳо ҳамвор,
Охир ба ҳазор зулф як шона задем.

Аз бас дидам кашидани дард ба чашм,
Хун мекунадам шунидани дард ба чашм,
Дарде дигар аз назар ниҳон мебошад,
Дарди чашм аст дидани дард ба чашм.

То кай хонад фусунгари ҳирс-дижам,
К-он гавҳару зар медиҳад, ин симу дирам?
Эй хомтамаъ, қиссаи Ҳотам тай шуд,
Қонеъ шаву хок рез бар фарқи «карам»!

Дар маҷлиси ҳирси ағниёи олам,
Сад ранг бисот ноз чидааст ба-ҳам,
Гар нашнавӣ афсонаи риши Фиръавн,
Гӯ: як думи товус ба ин «мурғон» кам!

Умрест ба фаҳми муддао ҳайронам,
Тифли маҷбури ин дабиристонам,
Чун шамъ ба пеши назарам тӯморест,
Мебинаму гирья мекунам, мехонам.

Чанде, ки ба дайри ҳуш ҳозир бошам,
Ҳайф аст, ки ғофил аз мавоҳир бошам.
Субҳон-оллоҳ, ин буту ин эуннор?
Кофир бошам, агар на кофир бошам!

Умрест ба шеваи вафо маҷбурам,
Қурбе дорам, ки аз тақарруб дурам.
Ёрон, аз шарми каъба обам макунед,
Ман хоки ҷаноби Бедилам, маъзурам!

З-ин базм на кам, на беш бардоштаам,
Не нӯши ҳавас, на неш бардоштаам.
Дар кисвати бедиле, ки чашмаш марасод,
Умрест, ки дил зи хеш бардоштаам.

Бедил, таҳи гардун ба хаме омадаем,
Маҷбури каманди ситаме омадаем.
З-ин рӯзу шаби умед чун берун нест,
Дар ҳалқаи мори арқаме омадаем.

Гаҳ бо зару сим лобасозӣ дорем,
Гаҳ бо гулу мул ҳавастирозӣ дорем.
Аз хок дамидаему то хок шудан,
Бо хок ҳазор ранг бозӣ дорем!

З-ин кулфат агар диле ба гулшан болам,
Дар ғунча хазад зи тангии аҳволам.
Аз бас ҳадафи новаки бедоди туам,
Ғирбол кунад ойинаро тимсолам.

Бедил, иҳроми назм агар мебандам,
Ночор ба оҷизӣ камар мебандам,
Ҷавлони нафас ба сакта дар-мемонад,
Дил менозад, ки ман гуҳар мебандам.

Умрест шарори ашк меандӯзам,
Ҷуз шӯълаи доғи дил намеафрӯзам,
Яъне чун шамъ дар шабистони эуҳур,
То чашм ба худ кушудаам месӯзам.

З-ин мадраса як умр сабақҳо хондем,
Аз ҳар баду неку зишту зебо хондем,
Ҳайрат охир саводи мо равшан кард,
Ойина навиштему тамошо хондем.

Кай завқи баҳори обу гил мекашадам,
Ё орзӯи Чину Чакил мекашадам?
Дар хидмати аҳбоб, ки чашмаш марасод,
Дил мекашадам мудом *, дил мекашадам!

Де ойинаи муғон мукаддар кардем,
Беҳавсалагӣ ба якдигар сар кардем.

---

* к-ин ҳама.

Аз хомии зарфи мо арақ кард шароб,
Рафтему хичолате ба соғар кардем.

Охир, з-ин баҳру лангараш нагзаштам,
Афсурдаму аз шӯру шараш нагзаштам,
Обе чу гуҳар ба пешам овард қазо,
К-аз пул бастан ҳам аз сараш нагзаштам.

Ҳарчанд, ки «фориғ» аз ҷаҳони ҳавасам,
Озод зи печу хами дому қафасам,
Ороиши ин чаман зи паҳлуи ман аст,
Чун бод баҳори рангу бӯро нафасам!

Олам хилқатест бениёзи тафҳим,
Дар ҳар он аст бар тачаддуд тақдим!
Гар «завқи фузулиат» димоғе дорад:
Гоҳе ҳодис бар-ору гоҳеш қадим.

Охир, афсуни ачз пеш овардам,
Рӯе ба ҷаноби дили реш овардам,
Чандон нолидам аз ғами танҳой,
К-аз олами нозаш бари хеш овардам.

Умрест, ки дар вазъи хамӯшон задаем,
Хат бар рақами хайру шар осон задаем.
Лаб бастани мо даҳони бадгӯён дӯхт,
Як бахья ба чоки сад гиребон задаем.

Ҳарчанд камар ба азми роҳат бастам,
Дар ҳеч макон гарди тапиш нашкастам,
Чун тоири вахшатзада, бар оташу об
Сад бор фуруд омадаму наншастам.

Имшаб ҳангоман суруре дорем,
Дидорпарастему хузуре дорем.
То равшании дидаи мо кам нашавад,
Бар шамъи рухат бароти нуре дорем!

Хоҳам ҳама авқот қаринат бошам,
Сар то қадам оғӯшкаминат бошам,
Гардондани ранг ҳалқаам сохта аст,
Уммед, ки хотами нигинат бошам.

Аз ҳар кӣ дар ин бисот ранҷе дидам,
Бар ҷодаи интиқом кам печидам,
Шеъре гуфтам муносиби аҳволаш,
Он-гаҳ хондам назди худ, хандидам.

Умрест шикасти бому дар мебинам,
Буньёди вафо зеру-забар мебинам,
Ҳар субҳ, ки сар зи хоб бармедорам,
Ошӯби қиёмате дигар мебинам.

Рафтиву ман аз заъф ба манзил мондам,
Чун нақши қадам ба гарди маҳмил мондам.
Чанде ғами бедилӣ фаромӯшам буд,
Охир дил бо ту рафту бедил мондам.

Фирдавс ба иттифоқи «арбоби улум»,
Он сӯйи савобиту буруҷ асту нучум:
Яъне ин саъду наҳс то дар назар аст,
Айшат номумкин асту роҳат маъдум.

Дарде, ки ба ишқат имтиҳонаш кардам,
Хун хӯрдаму мағзи устухонаш кардам.
Он хор, ки бар кашидам аз по чун шамъ,
Ҳам дар бағали хеш ниҳонаш кардам.

Фарьёд, ки бар тараддуди сақл задем,
Боли ҳавас аз фитрати ноаҳл задем.
Дил дар талаби баландии мансаб мурд,
Бар оташи ҷаҳд, доман аз ҷаҳл задем.

Илму — амале, шахси хаёл-андешам,
Кӯ чинсу чӣ накд? Ман ҳамон дарвешам!
Бедил будам ба шубҳазори ҳастӣ,
Гуфтам дил кӯ? Ҷаҳоне омад пешам!

Ҳарчанд намонд сози лавҳу қаламам,
Чун во дидам ҳамон надоматрақамам.
Нақше, ки чу шамъ шустам аз пешонӣ,
Ҷамъ аст сиёҳеш ба зери қадамам.

Гоҳе наю гоҳ чанг хуш-медорам,
Гаҳ шеваи ному нанг хуш-медорам.
Номӯси ҳақиқиест дар гардани ман,
Худро ба ҳазор ранг хуш медорам.

Гаҳ риштаи сози илму фан мегусилам,
Гоҳ аз хаму-печи ваҳму занн мегусилам.
Сайёди хаёл дар ғубори фурсат,
Доме афкандаасту ман мегӯсилам.

Аз оби бақо асаркаши нам нашудам,
В-аз гарди фано ба нестӣ замм нашудам,
Сад шукр, ки фориғам зи нафъю исбот,
Афзун агар набуд кам ҳам нашудам.

То пир шудам сина ба ҳирмон кандам,
Хун хӯрдаму доғ гаштаму ҷон кандам.
Аз неъмати ибратсамари хони ҳаёт,
Охир дили худ ба қадри дандон кандам.

Ойина муқобили ду олам кардам,
К-имрӯз назар ба шакли одам кардам,
Яъне сад обу гил фароҳам кардам,
То тимсоли ҳаво муҷассам кардам.

Фардо ҳама гар биҳишту кавсар ёбам,
Худро чӣ хаёл аст мукаррар ёбам?
Сад хулду ҳазор кавсар орам ба нисор,
Гар Бедилро бори дигар дарьёбам.

То гардиши чашмат ба тааммул дидам,
Дар дасти хаёл соғари мул дидам.
Ҳар гоҳ чу ғунча дар ҳадиси лаълат,
Лаб во кардам, даҳан пур аз гул дидам.

Бедил, то дида ба он нору нурем,
Ҳушдор, к-аз огоҳии мутлақ дурем.
Бе ғафлат нест ҳар чӣ з-ин боғ дамид,
Ин хоби баҳор аст, ҳама маъзурем.

Имрӯз камам в-ар ҳама беш омадаам,
Чандин қадам аз хаёл пеш омадаам,
Ин ҷилва дигар каю кучо хоҳад буд,
Худро дидам ба ёди хеш омадаам.

Гар во-нигарӣ ба ҷоҳи авҷ-ороён,
Ба-тамоил бинӣ * кулоҳи авҷ-ороён.
Иззатталабон ҳиммати пасте доранд...
Бар хок сазад ** нигоҳи авҷ-ороён!

Ҳар булҳавас аз нанг наояд берун,
Ҳар ойина аз занг наояд берун,
Ҳар дил надиҳад хабар зи кайфияти ишқ,
Ин шӯъла зи ҳар санг наояд берун.

Эй мастӣ хаёли мурғу моҳӣ хӯрдан,
Ҳушдор, ки чуз ғусса нахоҳӣ хӯрдан.
Дар анҷумани зуҳур ҳар чо шамъест
Меболад дар-хури сиёҳӣ хӯрдан.

То чанд, эй шӯъла тобу-таб сар кардан,
Ҳар лаҳза сар аз ҷайби хасе бар кардан?

---

* монл ёбӣ.
** бувад.

Ҷаҳде, ки ба хокистари худ ғӯта задӣ,
Ин аст — қабои ноз дар бар кардан!

Боғ асту — дар андӯҳи хазон хун хӯрдан,
Шамъу — табу-тоби кулфати афсурдан,
Гул кардани эътибор беофат нест,
Бедил ту чунон зӣ, ки набояд мурдан!

Гар ақл кунад ҳазор маҳфил равшан,
Мушкил, шавадат саводи комил равшан!
Чун маҷмар, агар партави ишқе бошад
Сад чашм тавон кард зи як дил равшан!

Ҳарчанд тавон салои неъмат додан,
Натвон чу хасис «доди ҳиммат» додан!
Яъне з-ин қавм бо вучуди зару сим,
Кори аҷабест чон ба ҳасрат додан.

То кай ғами кавнию илоҳӣ будан,
Бо доғи сафедию сиёҳӣ будан?!
Имрӯз ба ҳар ранг, ки бошӣ хуш бош,
Эй он, ки набудию нахоҳӣ будан!

То кай тапиш, эй шӯри қиёмат, бинишин,
То чанд давӣ, даме ба роҳат бинишин,
Хоре, ки ба по мешиканӣ, мегӯяд:
Эй ҳарзаталош, як-ду соат бинишин!

То сад ғами дилкӯб нахоҳӣ хӯрдан,
Як луқмаи марғуб нахоҳӣ хӯрдан,
Чун арра ниҳӣ ҳазор дандон ба чигар,
Ҳарчанд, ки чуз чӯб нахоҳӣ хӯрдан!

Мерехт дил он зулфи парешондоман,
К-эй бехабарон, кунед сомон доман!
Дидем, оғӯши ҳайрате даркор аст,
Чун шона кушудем зи мижгон доман!

Дорад ҳама кас ба ҳукми иншои забон
Ороиши матлаб аз тапишҳои забон.
Аз ташнаи дидор набояд такрир,
Бедил, магар ойина кашад ҷои забон?!

Бедил, гар маҳрамӣ ба асрори баён,
Магзар зи адои сухану мавқеи он.
Бо худ мегӯй, ҳар чӣ гӯй — азхуд!
В-ар аз дигарон, магӯй ҷуз бо дигарон!

Дар анҷумане, ки ҷамъ бошанд ихвон,
Рабти маънист сози ҷамъияташон;
Дар нисбати эъдод — яке ёфтаанд:
Дандонро бо лабу забонро ба даҳон!

Бигзар зи шаҳону нози султонешон,
В-аз мояи ҷоҳу давлати фонешон,
Пур донаи чидаест, ки гиранд зи мӯр,
Ороиши матбаху сулаймонешон!

З-он рутба, ки дорад ба назар ғалтидан,
Хуштар бувад аз кӯҳу камар ғалтидан.
Чун мавҷи гуҳар, кадом иззасту чи вафр,
К-аз паҳлу боядат ба сар ғалтидан!

Аз май, барги ток — суроғест ниҳон;
Аз гул, ба кафи реша — аёғест ниҳон.
Ғофил магузар зи маънии бадру ҳилол,
Дар ҳар пари парвона чароғест ниҳон.

Девонагӣ олудан фарҳанг макун,
Бо офият аз «вазъи хирад» ҷанг макун!
Бар урьёнӣ мабанд бори кисват,
Ин ҷомаи нодӯхтаро танг макун!

Гоҳ аз мижа мекашам сиришке ба синон,
Гаҳ медиҳам аз оҳ хаданге ба камон.
Умрест шаҳиди изтиробам дорад,
Он теғи абруи гардиши-чашмфишон.

То кай ба суханҳои парешон гуфтан,
Дарси ҳавасу чавоби имкон гуфтан?
Лофи «дониш» ҳаловати ғафлат бурд,
Хоби ҳама талх кард ҳазьён гуфтан!

З-ин нусхаи кавнию илоҳӣ дидан,
Худро чӣ хаёл аст камоҳӣ дидан?
Сад бор гар ойина ба дастат бидиҳанд,
Ҳушдор, ки ҷуз акс нахоҳӣ дидан.

Бар зилзила баста маҳмил ачзои замин,
Парвоз гирифта домани чархи барин.
Эй дидаи ҳирс то ба кай ҳалқа задан,
Монанди рикоб бар дари хонаи зин?!

Бемоҳасалам, ҳадисам оғоз макун,
Тӯмори шикоятам ба кас боз макун.
Бигзор, ки бошам аз фаромӯшонат,
Ёдам сабаби дарди сару ноз макун!

Ҳарчанд тавон зи шашчиҳат дар бастан,
Натвон пӯшид чавҳари ворастан,
Дар тинати санг як нафас ғофил нест,
Овози шарор аз камини частан.

Дар олами эътибории кун-фа-якун,
Хусну ишқест шашчиҳат карда чунун.
Лайлӣ! Лайлӣ! Лайлӣ! Лайлӣ! Лайлӣ!
Мачнун! Мачнун! Мачнун! Мачнун! Мачнун!

Чашме бимол, «ману мо» равшан кун,
Ойинаи идрок, бинё, равшан кун,
То кай сабақи «сар бахаво» хоҳӣ хонд?
Эй шамъ, саводи пеши по равшан кун!

Мотамзадае чанд дами мӯндан,
Дидам бетокати ба хун ғалтидан.
Гуфтам: чӣ бувад субҳи қиёмат? Гуфтанд:
Марги фарзанд вақти пирӣ дидан!

Гардун чӣ вафо кошт дар обу гили ман,
К-офоти чаҳон дуруд аз ҳосили ман!
Аз бас, ки ситам шарики халқам дарьёфт,
Зад тир бар омочу кашид аз дили ман!

Носеҳ, дамат: аз салои одоб задан,
Бар сози чунуни мост мизроб задан.
Харчанд бувад «фасурда» хокистари мо,
Оташ гардад чу оҳак аз об задан!

Ойинан дил ба ранги кин андудан,
Дорад ба азоби ҳавли қабр «осудан!»
Он кас, ки снёхеш кунад зер ба хоб,
Дасташ бар рӯи сина хохад будан.

Мунъим то чанд лоу-болӣ будан,
Масту махмури чоми холӣ будан?
Нанги савдост, гар димоғе дорӣ,
Мачгуши бахори гули колӣ будан!

Аз тобу-таби миннати дунои бурдан
Авлист ба афсурдадилиҳо мурдан.
Эй шўъла ба завқи як мижаҳ бедорӣ,
Аз ҳар хасу хоре натавон пон хўрдан.

Зоҳид, зи вараъ санг ба паймона задан,
В-аз ҳирс дари маҳраму бегона задан,
Гар хосияти риши дароз аст инҳо,
Авлист тарошаш задан, аз шона задан.

Эй диданҳот ҳаср дар фаҳмидан,
То кай хоҳӣ бисоти ғафлат чидан?
Охир ту кам аз шўълаи ҷаввола най,
Чашме во кун зи гирди худ гардидан!

«Фирдавс» набурд ранге аз бебасарон,
«Кавсар» ба тарӣ хазид аз ин хушксарон.
Раъноии «тубӣ» хами пастиҳо хўрд,
Бишкаст ин чўб низ бар пушти харон!

Гардуни ситамсанҷ чӣ хоҳад будан?
Ин коргаҳи ранҷ чӣ хоҳад будан?
Он хона, ки ҷангу ҷадал аст асбобаш,
Ҷуз арсаи шатранҷ чӣ хоҳад будан?

Дар Ҳинд пас аз неъмати алвон хўрдан,
Бе рамзе нест маънии пон хўрдан,
Яънє бо гувороии лаззоти ҷаҳон,
Хун бояд хўрд баъди ҳар нон хўрдан.

Беҳиссии ҷабру ихтиёри имкон,
Душворӣ кард бар маволид * осон,

* муваллад.

Инсон ба кашокаши хаёлот гудохт,
Гаҳ шайтонаш кашиду гоҳе раҳмон.

Эй мурдаи интизори маҳшар бурдан,
Ҳайф аст ба ҳар фасонаат хун хӯрдан,
Дар сурати офоқ назар кун, к-ин ҷо
Ҳар рӯз қиёмат асту ҳар шаб мурдан.

Бар равшандил шикасти хотир чидан
В-онгоҳ ба «чора» маҳв гардонидан,
Чун тинати чинист, ки рӯяд зи сараш
Мӯе, ки ба оташаш тавон печидан!

Эй нанги ҷаҳони ғайратат «ҷавҳари» кин,
Парвози ту саҳл аст ба болу пари кин?!
Дар олами ҷаҳд корҳо дорад мард,
З-он ҷумла яке: гузаштан аст аз сари кин!

Бедил, ба илоҷи мани бетобнишон,
Натвон ҷустан аз дигар боб нишон,
Дар ёди ҷамол бори таскине ҳаст,
Ин сӯхтаро бубар ба маҳтоб нишон!

Ҳарчанд имрӯз з-иқтизои даврон,
Болидан дод равнақи бемағзон,
Ин карру фар онқадар нахоҳад бошад,
Хушдор, ки оташи хас «обест» равон.

Шуд олам агар зи Меҳри тобон равшан,
В-аз машъали Маҳ гашт шабистон равшан,
Карданд имрӯз боғбонони баҳор,
Аз рӯи ту чашми наргисистон равшан.

Бедил, сухани мунҳарифе гӯш макун,
Шамъи адаб афрӯхта хомӯш макун,
Бар моидан ҳаё агар раҳ бурдӣ,
Обу намаки арақ фаромӯш макун.

Де сайри баҳори наргисам хоид фусун,
То кулфате аз сина тавон кард бурун.
Махмуре чанд дидам, аз яъси тараб,
Май рехта дар хоку қадаҳ карда нугун.

То нагзинад мувофиқат рамхӯрдан,
Бояд бар табъи якдигар кам хӯрдан,
Чун дандон хосиле надорад, Бедил,
Бар ҳам хӯрдан ба — ғайри барҳам хӯрдан.

Атрофи асад сунбула асту саратон,
Хоку обе гирифта оташ ба миён,
З-ин чост, ки бе ҳифзи дабиру дастур,
Ҷуз шӯъла нахезад аз бинои султон.

Шаб гул кардӣ, саҳар чӣ хохӣ кардан?
Ҳанзал растӣ, шакар чӣ хоҳӣ кардан?!
Эй маҷбури хавоси пайдоии хеш,
Дар кори «худӣ», дигар чӣ хохӣ кардан?

Эй мухтори рамузи мутлақ гуфтан,
Якрангиро хатост азрақ гуфтан.
То мумкин бошад аз худат ҳеҷ магӯй,
Чун гуфтӣ боядат ҳамон ҳақ гуфтан!

Ҳам-дӯши паёми ёр бар-гардидан
Дорад — сад гул ба бор, бар-гардидан!
Товуси чӣ олам аст, эй номабарон,
Қосид рафтан — баҳор бар-гардидан?!

Будем ҳавасхироми кӯҳу ҳомун,
Ногоҳ хаёли чашми ӯ хонд фусун.
Пеш омад бехудӣ-мақоме, к-он чо
Рафтем — шууру боз-гаштем — чунун!

Эй меваи зуд-зуд-рас кӯҳна машав,
Боғи тарабӣ, на хору хас, кӯҳна машав.
Ҳангомаи осори тачаддуд гарм аст,
Эй маънии тоза, пеши кас кӯҳна машав.

Онро, ки буруни хеш мечӯӣ, кӯ?
Ё он сӯйи худ раҳе, ки мепӯӣ, кӯ?
Худро бар дур дидай, чашм бимол,
Эй бехабар «ӯ»-е, ки ту мегӯӣ, кӯ?!

Эй дар ғами холи ту ду олам ҳинду,
Саҳро-гарди хаёли чашмат оҳу,
Махмури гирифтории гесуи туро,
Хамьёза дамад чу шона аз ҳар буни мӯ.

Бедил, ба тахайюлкадаи зишту накӯ,
Аз карру-фари сабуксарон ҳеч магӯ.
Бар вахм танидаанд бемағзе чанд,
Дар мӯи сари кулоҳ пашм аст «нӯмӯ».

Бо сози фасурда нағмаи дилкаш кӯ?
Дар лафзи кадар маоиии беғаш кӯ?
Эй ҳарзаталош, оҳани сард макӯб,
Доман бар санг мезанӣ, оташ кӯ?

Олӣ-ҳиммат, ки корҳо ояд аз ӯ,
Мебояд хост он чӣ мебояд аз ӯ!
Пӯр бекор аст дастгоҳи дунон,
Чун нохуни по, ки ҳеҷ накшояд аз ӯ.

Бедил, ба ҷаҳони эътибори «ману ту»
Маҳмилкаши «ваҳмест» далели таку-пӯ.
Шоҳини «тарозуе», ки мо месанҷем,
Бар-мегардад ба ҷунбиши як сари мӯ!

Аъён, ки зуҳур мепарастанд ҳама,
То ҳаст нафас ҷом ба дастанд ҳама.
Шоҳон бо шавкату гадоён бо аҷз,
Ҳастанд ҳама, чунон ки ҳастанд ҳама.

Осори сафо зи аҳли тазвир махоҳ,
Бӯи анбар зи тинати сийр * махоҳ,
Аз зоҳиди хушк рамзи ирфон маталаб,
Биноӣ аз ойинаи тасвир махоҳ,

Ин бехирадон, ки мастшонанд ҳама,
Ҳоро-нисьёну сахтҷонанд ҳама,
Аз хушкмизоҷию дурушти чу садаф.
Не мағзу на пӯст,— устухонанд ҳама.

Гар огаҳӣ аз таронаи «Ойина!»
Аз кас машунав фасонаи «Ойина!»
Умрест зи дил ёд надорад дилдор,
Оташ афтад ба хонаи ойина!

---

* шир.

Ҷоми фурсат чу об аз даст мадеҳ,
Ин файзи сабукрикоб аз даст мадеҳ,
Чун пир шудӣ зи хоби ғафлат бархез,
Айши шаби моҳтоб аз даст мадеҳ.

Аз дуньёдор умедро поя махоҳ,
Ҷуз карру-фари либосу пироя махоҳ,
З-ин қавм таваккӯи ҳимоят пуч аст,
Аз сақфи баланди осмон соя махоҳ.

Мавҷе будам, камони сад ноз ба зеҳ,
Гавҳар шуданам гусехт рабти кеҳу меҳ.
Он силсиларо вазъи тааммул дуздид,
Он ришта забон нухуфт дар коми гирех.

Бедил, зи гиребони ба чок афсона,
Дар хок нишастаам буруни хона.
Ошуфтагиям чу зулф то кай пӯшад
Як девори ҳазор-дар чун шона?!

Гар сокини Совай в-агар дар Ганҷа,
Худро накунӣ пур ба таваккал ранҷа,
Эй бехабар ин коргаҳи асбоб аст,
Бе нохун нест то кушодӣ панҷа.

Ин боғ, ки доманест хун-олуда,
Ҷуз ибрат дараш ба кас накшуда.
Гар сайри гулу лола таманно бошад,
Бе ранге нест дасти бар-ҳам суда.

Кас нест дар ин бисоти ғоратбурда,
Ҷуз ахли камол бекасу афсурда.
Гавҳар хушк аст дар канори дарьё,
Монанди ятимони падарнюмурда.

Аз иқболи хасон ҷуз идбор махоҳ,
Сар-сабзии худсарон ба такрор махоҳ,
Ҳангомаи решаи кадубун гарм аст,
Э-ин «силсила» фасли дигар осор махоҳ.

Оїини мурувват аз ситамкеш махоҳ,
Ҷуз нйзо аз укубатандеш махоҳ.
Бар халқ сулуки бадгуҳар яксон гир,
Аз устара ташхиси думу риш махоҳ!

Ақле дорӣ, ҳадиси девона, ки чӣ?
Ҳудро ба ғурур кардан афсона, ки чӣ?
Эй дастгаҳӣ лоф, таваққўъ — асбоб,
Мӯҳойи сутурда мезанӣ шона, ки чӣ?

Моро на-намуд ин нигаҳи хобида:
Дарвеши ғунуда ё шаҳи хобида.
Умрест хироми рафтагон мебинем,
Дар хобу-хаёли чун раҳи хобида.

Эй бехабари ба ҷамъи мол афсона,
Бар ҳирс мабош онқадар парвона.
Тарсам, ки зи тангии ҳуҷуми асбоб,
Чун ҳалқа буруни дар нишинад хона.

Доду дихи ағниё зи дарвеш махоҳ.
То нанги самоҷат набарӣ беш махоҳ.
Бар моян камбизоатон киса мадўз.
Аз абри тушук тарашшуҳе беш махох.

Эй дўхта бар мансаби иқбол нигох.
Зинҳор шикасти дили хурсанд махох.
Э-ин чинӣ агар сояи мўе гул кард.
Ғофил машав аз табассуми бахти сиёҳ.

Бедил, ба чӣ олам ошноӣ, ки наӣ!
Бо ин ҳама шӯҳрат, чӣ балоӣ, ки наӣ!
Умрест ба ҳар дашту дарат мечӯям,
Эй хоки ҳаво бурда, кучоӣ, ки наӣ!

Дар ҳаққи касе ҳарфи мушавваш назанӣ,
Яъне эи ҳасад даст ба тиркаш назанӣ.
Эй шӯъла, забон ба коми сангат авлост,
То кулбаи бенавое оташ назанӣ.

Ҳарчанд ба сози наҳв ё сарф ойӣ,
Ҳайф аст, ки мачҳулу тиҳӣ-зарф ойӣ.
Бояд фориҳ куни раҳоварди асар,
Ҳар гаҳ зи хамӯшӣ ба сари ҳарф ойӣ.

Эй он, ки ба ваҳми ину он мачбурӣ,
Гаҳ дар ғами нору гаҳ ба фикри нурӣ.
Урьёнию пӯшидагият сохтааст,
Маъзур, ки маъзур най, мағрурӣ.

То ҳамсабақи мизоҷи тифлон нашавӣ,
Озод зи қайди ин дабистон нашавӣ.
Доноию осудадилӣ хасми-ҳаманд,
Эй маҳви хирад, мабод нодон нашавӣ?

Эй, «ҳеч», чӣ лозим ҳавас-ниҳшо бошӣ,
Гоҳе султону гоҳ мирзо бошӣ?
З-ин якдама ҳастӣ нашавӣ «нанги адам»,
Имрӯз ҳам ош бош, ки фардо бошӣ.

Дар базми висол бесабаб маҳҷурӣ,
Соғар ба каф аз нашъаи маънӣ дурӣ.
Хуршед ҳақиқатест ҳам зарраи хок!
Гар чашми ту бино набувад, маъзурӣ!

Эй заъф зи ҷисми лоғарам нагзаштӣ,
В-эй нола зи чоки ҷигарам нагзаштӣ,
Умрест гудози дил ба доман дорам,
Эй гирья ту низ аз сарам нагзаштӣ.

З-ин сози ҷунуну ҳайъати жӯлида,
К-ошуфтагиям зи шаш ҷиҳат печида,
Наққош агар кашӣ ба тасвир маро,
Барбанд қалам зи мӯйи оташдида!

Бошад магар он сӯйи фалак сомоне,
То хилъате орзу кунад урьёне!
В-ар на ин ҳафт пайкари атласпӯш
Дорад бе-ҷайбу остин домоне.

Эй ашк, ба кӯи дӯст сар кун роҳе,
В-эй дида ба ҳасраташ нигоҳе гоҳе!
Эй нола, ба ёди комати ӯ «алифе!»
Эй сина, ту низ арзи мадди оҳе!

Де ойинае фитода дидам ба раҳе,
Дар «гарди» калаф шикаста сомони маҳе.
Аз пардаи рангаш ин наво меболид,
К-«Ой худбинон, ба ҷониби мо нигаҳе!»

Ҳарчанд, ҳеҷ кор ҷуз шарр накунӣ,
Чун кардӣ, хоки яъс бар сар накунӣ.
Эй шиквагари қазо, надомат куфр аст,
Гар мардӣ, саъй кун, ки дигар накунӣ!

Эй он, ки ба ифшои ҳақиқат лолӣ,
Мустақбалу мозие надорӣ, чолӣ!
Укбо шуда — пеши фикри хеш омадай!
Ҳам худ аз баҳри хеш — истиқболӣ!

Намруд, ки дошт лофи гирудоре,
Будаш ба димоғ пашшаи пиндоре.
Маълум шуд инқадар, ки бар авҷи ҳаво,
Каргас мебурд луқмаи мурдоре.

З-ин боғ, ки дорад ба хаёл анҷумане,
Не гул дорем дар назар, не чамане,
Бо ёди баногӯши * касе сохтаем,
Моему ҳамин сояи барги сумане.

Найранги ҷаҳони ҷаҳлу тамйиз туӣ,
Кӯ ғайру чӣ айн, шахси ҳар чиз туӣ!
Эй «лӯъбати ҳайрат» андаке чашм бимол,
«Он»-ро ки ту,—«ӯ»,—гуфтай, «Он» низ туӣ!

Ҳар гаҳ худро тасаввури банда кунӣ,
Корат ҳама ачз асту сарафканда кунӣ.
Дар айшу тараб мунфаили тоқат бош,
Ҳарчанд ки забти гирьяву ханда кунӣ.

Ин ҷисм, ки мушти устухонаш бинӣ,
Гар дил равшан шавад ҷаҳонаш бинӣ.

---

* буногӯши.

Аз тимсол пӯ, шашчиҳат лабрез аст,
К-ӯ ойинахона, то аёнаш бинӣ?

Ғар марди раҳӣ, ба чодаи вахм мапӯй,
Тимсоли гуле надида ойина мабӯй.
Афсонае чанд чашмбанд аст ин чо,
З-он об, ки нест дар назар даст машӯй.

Табъи ту на захмест, ки тираш бикашӣ,
Ё пистон, то макию шираш бикашӣ?!
Фӯлод ба тадбир агар кардӣ нарм,
Ҷавҳар мӯёст, к-аз хамираш бикашӣ!

Эй хоча ба таскини дили ношоде,
Бояд аз шарм кардан истимдоде.
Гар таксире зи ходим омад ба назар,
Аз хидматҳои собиқаш ҳам ёде!

Ҷаҳде, ки зи шӯълаи ҳавас таф нахурӣ,
В-аз бехирадӣ тапонча чун даф нахурӣ,
Яъне надиҳӣ лаб ба ҳадиси норост,
То аз качие ҳарфи муҳарраф нахурӣ.

Эй ҳирспараст, хуш ба вахм афсурдӣ,
Болидию ранчҳои кохиш бурдӣ,
Чун шамъ ба завқи ангубине, ки набуд,
Худро ба сарангушт-макидан хӯрдӣ!

Гар вахмӣ камӣ дориву гар афзунӣ,
Бедил ту на иниву на он бечунӣ.
Гар чашм кушой зи назар он сӯӣ,
В-ар фикр кунӣ зи фикри худ берунӣ.

Эй он, ки ҳавасшефтаи симу зарӣ,
Бехуда ба худ кумоши фитрат набарӣ.

То рағбати «сурху зарди дуньё» бокист,
Харчанд, ки бартар бишавй тифлтарй.

Харчанд ба дониш аз чаҳон афзунй,
Ё дар пирй муаллими гардунй,
Хар гоҳ ба пеши кас барй ҳочати хеш,
Тифлй мезебадат, на афлотунй.

Сад нола ба хун кашад алампарварде,
То бар сари инсоф равад бедарде!
Мино чй қадар арза дихад ранги шикаст,
То санг ба рӯи худ фишонад гарде.

Харчанд хати дуди чигар бинвисй,
Бо нуқтаи ашки чашми тар бинвисй,
Эмин шавй он замон, ки чун шӯълаи шамъ
Бар нохуни по «бароти сар» бинвисй!

Эй дил, рӯи вафо зи ман гардондй,
Аз базми хузурам ба тағофул рондй,
Махрумам доштй зи дидор охир,
Эй ойина пахлӯи худам наншондй!

Харчанд бисоти дард чидаст касе,
Бар ишқ надомат надамидаст касе.
З-он ашк, ки бар дидаи шабнам чӯшад,
Мижгони шиоъ тар надидааст касе.

То дидаам аз ойинаат рӯи парй,
Меоядам аз тарзи нигаҳ бӯи парй,
Аз бас, ки сухан гуфтаам аз мижгонат,
Дорад нафасам шонаи гесуи парй.

Ҳар гаҳ ба касе ҳарфе аз ихфо гуфтӣ,
Мелон, ки ғубори хона берун руфтӣ,
Бар ғайр мабанд тӯҳмати ифшояш,
Ғаммоз тӯӣ, ки рози худ нанҳуфтӣ!

Дар дайри мукофот зи ҳар пешу пасе,
Ибратназарон тачриба карданд басе,
Гуфтанд: «Ба вакти ачз ранчат нарасад,
Дар кудрат агар нахоҳӣ озори касе!»

То расме аз эҳсону малоро наниҳӣ,
Бар халки чаҳон миннати бечо наниҳӣ!
Нози таъзим рутбае мехоҳад,
Сар кошула бар гардани кас по наниҳӣ.

Наққош, тааммуле, ки нуқсон накашӣ,
Аз тӯҳмату кори зулм товон накашӣ,
Гар хичлати хуни ноҳақат дар назар аст,
Зинҳор, ки тасвири «шаҳидон» накашӣ.

То роҳи талофӣ ба худ осон накунӣ,
Дил мунфаили миннати ёрон накунӣ,
Гар токати ҳакгузорият кам бошад,
Зинҳор зи кас қабули эҳсон накунӣ.

Эй хоча, чӣ саргарони чамъи молӣ,
Тахфиф талаб, раҳо кун ин ҳаммолӣ.
Эй кош дили ту пур шавад аз зару сим,
То кисаат андаке барояд холӣ!

Озодам аз ин ки «накши по»-ям хонӣ,
Ё қиблаи авчи «кибриё»-ям хонӣ.
Маъдуми ҳакикиям, чӣ нуқсу чӣ камол,
Ман банда набудам, ки «худо»-ям хонӣ.

Эй гӯшагузин, ранҷи ҳавасҳо набарӣ,
Бар даргаҳи ағьниё таманно набарӣ,
Ҷое ки ғурур рангҳо рехтааст,
Гар оби рухест номаш он ҷо набарӣ!

Бе вазъи адаб ба ҳеҷ дар во-назанӣ!
Гар тавба кунӣ, санг ба мино назанӣ!
Он кас, ки зи хоб мекунӣ бедораш,
То даст тавон гирифтанаш, по назанӣ!

Умрест чу гардун ба хати паргорӣ
Так дораму нест бо суботам коре.
Тағйирпараст — тинате мунқалибам,
Бар гардиши ранг бастаам зунноре.

Эй кӯҳсубот, ҳарзапаймон нашавӣ,
Дил ҷамъ чунон кун, ки парешон нашавӣ.
Фаҳмида бифаҳм ҳар чӣ бояд фаҳмид,
То аз фаҳми ғалат пушаймон нашавӣ!

ШАРҲИ ЛУҒАТ

(Ба рубоиёти Мирзо Абдул-Қодир Бедил)

Оина — маҷозан, оинаи ақл, фикр, хирад.

Димоғ — маънои дуйӯми луғавиаш матлуб аст, ки майнаи инсон аст. (руб. 2).

Чароғ — маҷозан: а) чароғи офтоб, яъне Офтоб; б) чароғи моҳ, яъне Моҳи пурра ба камолрасида; в) чароғи оддӣ; чароғи мақсуду муроди охирин, барои ошиқи чароғ, ки парвона аст. (руб. 3).

Гар чанд (ҳар чанд); фалоҳатӣ — шахсе ё шахсоне ки касбаш ё касбашон деҳқонӣ бошад.

Гардун — осмон; **шабаҳ** — соя, тимсол.

Сангдилони шӯъла-хӯ — бетараҳҳумони оташмизоҷ, бадқаҳр, бадкина, дилсахт *.

Оҳани тофта — оҳани дар оташ сурхшуда: образи ҳамон «сангдилони шӯълахӯ» мебошад, ки дар мисраи мо-фавқ зикр ёфтаст.

Бедил?! — Эй Бедил! (Магар дил надорем мо?).

---

* Асли нусхаи боби рубоиёт сах. 3, аз куллиёти Мирзо Абдул-Қодир Бедил, нашри матбаан Сафдарӣ дар Бомбай, соли 1299, ҳичрӣ. Ҳамин нусхаи ин рубой дуруст аст, дар шаклу «тасҳеҳи» тарзи дигаре агар дида шавад, хатост!

«Бехабар» — ғофил.
Дунфитрат — шахсе ниҳоят пастфитрат.
Уқало — окилон, хирадмандон.
Инфиол — ранҷ, озор, озурдагӣ, ранҷиш; инфиол додан: ранҷонидан, озурдан, озор додан.
Кӯс — наққораи калони лашкар; наққораи калон дар ҷумлаи асбобҳои мусиқӣ.
Аздод — зиддиятҳо.
Аҳли дуньё — бойҳо, сарватмандҳо, дуньёдорҳо, давлатмандон.
Ҷоҳфурӯшон — фурӯшандагони ҷоҳу мансаб ба ивази пул, мулку мол ва ё манфиатҳои дигари хоси шахсии худ; маҷозан: хоинони олимартабаи дарборӣ.
Эй хоҷа! — Эй соҳиби молу ҷоҳ!
Самъу басар — гӯшу чашм.
Маҳфил — инҷо, маҷлис, анҷуман.
Бутон — маҷозан, нозанинон. **Савдоист** — фоили ҷунин муҳаббат аст.
Симьёнист — интиқоли шаклист, аммо аз ҳамон як ҷавҳар. Яъне: агарчи нозанинони Ҳинд сиёҳпӯстанд, ба ин ки дандонҳояшон мисли гуҳар сафед аст, ҳайрат лозим нест.
Симьё (симиё) — илми интиқоли шакле ба шакли дигаре, сунъӣ ё табиӣ. Шоир, киноятан: табиии онро дар назар дорад.
Укда — тугун, гирех.
Шомил — дар худ мунҳасиркунанда, дар иҳота гиранда, печондагиранда.
Суре — шодие.
Бедиле — дилбохтае.
Идбор — кирдори хиҷолатовар, норостӣ.
«Ваҳшати ғайр» — он чӣ ё он қуввае ки бар муқобили мусбат, барои омӯхта шудан, ҳамеша ҳамъинон ояд. Ин ибораро ба ҷои истилоҳи фалсафӣ барои ифодаи фикр овардааст. Дар ин рубоӣ мехоҳад гӯяд: ҳаёт ва мавҷудотро бо муқоисаи ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ бояд омӯхт, на яктарафа. Ваҳшати ғайр — баргехтагии манфӣ дар табиат.
Фурсати бадмаст — киноятан: вақту фурсатҳои ҷавониро дар назар дорад.
Хулд (Дорул-Хулд) — номи яке аз боғҳои Биҳишт.
Кавн — ҳастӣ, зиндагӣ, ҳаёт.
Таваҳҳум — он чӣ дар тафаккур шубҳанок, хаёлӣ ё воҳимаангез гузарад.
Хирад — ақл, аклу идрок.

Сурат — ин чо, тарзи ҳолат; сурати ҳол.
Пок аст — яъне, тарошида партофта шудааст. (руб. 33).
Бахл — бахшоиш, атову эҳсон.
Сувар—шакли мутағйир, шакли муштакида, сурати тағйирёбанда.
Сад чарх — сад фалак.
Собит — доимӣ, исботшуда, бетағйир.
Мазмуни ин ду мисраи охирин ин аст, ки: а) байни сухани оддӣ ва назм муносибати мавзунне ҳаст, сухан мавзун ояд ба назм табдил хоҳад ёфт. б) дар як шеър якчанд байт мавзун ва чанде дигар номавзун набояд бошад! (руб. 38).
Мунъим — шахси соҳибнеъмат, бой. Таку-пӯ — такопӯ(й).
Эй он, ки ба мақсад расидан қасду нияти туст ва бари ҳамин шитобкорона ҳаракат дари. (руб. 40).
Саркӯшӣ — кӯшиши чиддӣ, фикру хаёлрони.
Намехонандат — даъват намекунанд туро.
Ҳавои ин хона — ҳавои ин дунё.
Даф — дойра, «дафи Моҳ» — доираи Моҳ.
Санчоб — пӯсти мӯинаи гаронбаҳоест.
Савдо — ин чо ба маънои ҳавову ҳавас аст. (руб. 46).
Фитрат — табиати фикрӣ, чавҳари заковат, чавҳари ақл; воҳиди қиёсии дониш; балоғати таб, фаросат ва идрок.
Гано (ганоъ) — сарват ва тавоной.
Шаддод — шоҳи афсонавие, гӯё чунон ҳорис ва золим буда. У боғистони Ирамро аз тиллову нуқра ва мукаллал бо чавоҳирот бино кардааст.
Хам аст андозат — пир шудай ва қоматат хамидааст, қомати ман монанди тир рост ва қомати ту монанди камон хамидааст; дар орзуи ман мабош ин «тир» муносиби «камон»-и ту нест.
Бишкан созат — таҳтал-маънои ин ибора он аст, ки мехоҳад гӯяд: торҳои сози умрат акнун кандагист, вас-васа макун, ки бефоидааст, дасти ту акнун аз зулфи ман кӯтоҳ аст; сози умедатро шикан!
Таҷаммул — зебоиву ҷамол, карруфар.
Мастаба — ин чо, ба маънои майкада аст, чои садри майкада.
Сӯмна (савмаа) — ибодатхона; гӯшаи зӯҳҳод ва обидон.
Фасурда (фусурда) — сард шуда, ях баста.
Абҳор — исми ҷамъ аз баҳр.
Уюб — ҷамъ аз айб.
Умқ — аминқӣ, жарф, чукур, қаър; так, бун, таҳт.
Маҳфил — маҷлис, ҳалқаи ҷамъияте; кинояатан: доираи маҳдуде.
Чоҳ — маснади олӣ, дарбори олии шоҳ.

Савод — ин чо, торшкӣ, тирагӣ, тобиши снёҳист. (руб. 61).
Мунфаил — коҳида, коҳишдида, рашчида.
Табиати маҷнун — табиати пурҷунун.
Ваъз... доғи дили ӯст — фақат дарду ҳасрат мекунад, фақат аз доғи дилаш гап мезанаду халос.
Маҳфили даҳр — анҷумани олам.
Идбор андӯхт — кажживу норостӣ фароҳам овард.
Дол — ин чо, шакли ҳарфи «дол»-и арабӣ матлуб аст, ки дукат аст.
Лол — гунг.
Таврот — китоби асосии динии пайғамбари банӣ-Исроил Мусо.
Ҳарам — ибодатхонаи мусулмонон.
Дайр — ибодатхонаи оташпарастон.
Субҳа — тасбеҳ.
Саводи бекарони ин дашт — маҷозан, сатҳи беинтиҳои ин дунёи.
Шикебой — сабру тоқат.
Мардумак — гавҳараки чашм.
Маъбад — ин чо, сучудгоҳ аст. **Фардонанд** — ягонагонанд.
Бадр — Моҳи пурра; **Ҳилол** — Моҳи нав.
Виқор (вақор) — тамкин; ғурур ва ифтихор.
Фаранги дигар — хусну зебиши дигар.
Тараб — шодӣ, рӯҳбаландӣ.
Зуммо — най, қӯшнай; **Зуммор** — найнавоз, қӯшнайнавоз.
Тур (тавр) — а) тамсилу ташбеҳ; қоида, маром; б) аз номи кӯҳи Тур, маҷозан: ҳадди олии баландӣ; пасту баландиҳои ҳамвору ноҳамвор.
Ваҳдат — ягонагӣ, бемислу-монандӣ. **Касрат** — аксар, аксарият, бисьёр, сершумор, беҳад бисьёр.
Мусталиҳот — истилоҳоти махсуси рамзнок, доир ба забон, фалсафа, фольклор ва ҳоказо. **Мубтазал** — беравнақ, аз тароват-монда, аз нашвунуму монда.
Ҳаллоҷ — Ҳусайн бин Мансурро ки сӯфие буда, бо касби ҳалло-ҷӣ машғул будааст, дар назар дорад.
Авҳом — фикрҳо ё ақидаҳои шубҳанок; тасдиқоте ки хато ё ботил бошад; он чӣ дар таҳти шубҳа ваҳмовар бошад.
Тарабнуму — хилқатқунандаи шодӣ, авҷу камолдиҳандаи хурсандӣ, шодӣ-офар, фарах-офаранда; шавқангез, рӯҳбахш.
Мунъим — соҳибнеъмат, бой.
Мояи суд — маҷозан: васила ё воситаи манфиатовар, сармояи фоидабахш.

Сурма шавед — яъне, ба чашми нав кушода шуда, монанди сурма қувват диҳед.
Ҷуд — ато, бахшиш, хайру эҳсон.
Дуньёдор — бой, давлатманд. Накдаш — яъне, ҷонаш.
Дур(р)и макнун — дурри ҳанӯз дар батни садаф пинҳон истода.
Газанд — осеб; ногуворой.
Забти дил — маҷозан: тасхири дил, дар қайд овардан дилро, мунхасир намудан дилро.
Вараъ — парҳезгорӣ. Мул — май, шароб.
Саъи уруҷ — кӯшиши болодавӣ, нашвунуму.
Гардун — Осмон, фалаки гарданда, гардуни гардон, самои мутаҳаррик.
Дуньёдорон — ин ҷо, ба маънои ҷаҳондорони сарватманд омадаст.
Раҳн — гарав.
Окил — хӯранда, тӯъмакунанда, фурӯбаранда барои ғизо.
Ризвон — номи фариштае дарбони боғи Биҳишт. Хоҳад хонд — даъват хоҳад кард.
Наълайн — як ҷуфт кафш.
Килк — қалам.
Абраш — а) майдони кушоди ҳамвору ноҳамвор; б) аспи тездав; аспи чипорранг; аспи тӯдакаш; в) номи яке аз аспони ҷанги Афросиёб (афсонавӣ).
Муқтазиёт — ҳамаи заруриёт ва муҳиммоти ҳастӣ; он муҳиммотҳое ки барои муҳиммотҳои дигар иқтизо дошта сабаб мешаванд, ки онҳо ба вуҷуд оварда шаванд.
Ҷоми мул — ҷоми май.
Набард — ҷанг; мубориза.
Гардунро — осмонро; афлокро.
Нишот — айшу хушӣ; хушҳолӣ; дилхушӣ.
Вифоқ — а) мувофиқат, ҳамфикрӣ, созишнокӣ, ризоят; б) ҳамоҳангӣ; якрангӣ; в) паймоннашканӣ; вафо ба аҳд.
Фасонкашидан — чарх кашидан, тез кардан.
Пон — ба ҳиндӣ томбул (томул) ном дорад; қаранфури ширинии ҳиндист, ки барги онро бо баъзе ачзоҳо парварда намуда, мехоянд то сурхии лаб аз он хушранг гардад; барги қаранфули ширини ҳиндӣ, ки онро мехоянд то таъми даҳон хуб шавад; маҷозан: сурхии лаби маъшуқа (дар шеъри шуаро). Пон — ҳамчун растанӣ: гиёҳе аз насли қаранфули ҳиндист.

Тааллук — вобастагӣ.
Мунҳарифкеш — ба инҳироф хӯ гирифта; парҳезкунанда, рамапда; азхуд радкунанда; ноустувор.
Шукук — ҷамъ аз шак(к); шубҳаҳо, гумонҳо ва ҳоказо.
Ғурури саркаш — мағрурию калонигарии бечилав.
Номунфаилӣ — пушаймоннашавӣ; шарм накардан; дағал истодан.
Бурудати ҳаво — сардии ҳаво.
Бар хуҷуми меғ — монанди сели абри тира.
Поси дил — риояти дил.
Домони баланд — домони расо.
Лаҳву лааб — ҳазлу шӯхиҳои сабуксарона ва ғайрп матлуб.
Бовиқор — ҷиддӣ, вазну таносуби сазовори баҳо, мақбул ва эътибордошта.
Эҳтиёҷ — мӯҳтоҷӣ.
Беғаш (бефиш) — соф, пок, мусаффо.
Хорҳои моҳӣ — қилтиқҳои моҳӣ, сӯзанакустухонҳои гӯшти моҳӣ.
Алам — ранҷу азоб; ғаму дард.
Ҷаҳонтасхиранд — а) тасхиркунандан ҷаҳонанд; б) тасхиршудаи ҷаҳонанд.
Халалтадбиранд — тадбирашон халалрасонандааст.
Манзалат — мартабаю мақом; обрӯву эътибор.
Муқобилат — рӯ ба рӯят.
Фасор — нӯхтаи сар.
Шӯъбадаҳо — найрангҷот; бозиҳои назарфиребона. Чархи мино — осмони кабӯд; фалаки лоҷвард.
Ҳиммат-озмоён — онҳое ки зӯри худро бо ҳиммати қавӣ месанҷанд; ашхоси олиҳиммат.
Идбор—ин ҷо: касолат, пажмурдагӣ; гаронӣ ва бемуваффақиятӣ.
Сару барги ғано — сармояи бонгарӣ.
Сам(м) — заҳр.
Сояи-ҳам — сояи ҳамдигар.
Таайюн — ин ҷо, ба маънои «мавқеи худпамой» омадааст. Яъне орифе ки (шахси маърифат) бо худнамой хуш надорад, мағрур ҳам нест.
Ибратназарон — бо дидаи ибратомӯз назаркунандагон.
Аз хизоб — аз ҳино; аз ҳинобандӣ.
Оинахӯ — оинамашраб, оинаатвор; эй ки хислати оина бо туст.
Табъи вофӣ — табъи комил, пурра бо сидқ омехта.
Рондӣ охир — ин ҷо, ба маънои баромада рафтӣ охир.

Маҳшур — ҳашргардида; ғаркшула.
Заъми барохима — тасаввуpи снёҳни ғафлат зер кардан барахманон. Сувар — ғакл, сурат, шакли «муқаддас».
То нашъан огаҳӣ дар майнаан реша надавонад, одамизод дар ташвиш хохад буд. (руб. 149).
Қусур — айбе, кӯтоҳие, нуқсоне; доғи тӯҳмате ва хоказо.
Фармуд — лутфан гуфт. (руб. 151).
Бе чӯбе — бе хасчӯбе ки гули шамъро бо оч гиранд.
Малоҳӣ — а) ҳазлу мазоҳи кочоиз ва бетамизона; б) бозиву шӯхиҳои номарғуб; в) афъоле ки аз тарафи қонуну кавоид рад шуда, ба урфу одоби инсонӣ мувофиқ набошад.
Рамад — а) беморни варами пилкҳои чашм; б) касалие ки чашмро сурх ва обрав мекунад; г) маҷозан: ташбеҳе ба иллати ҳасадбарист.
Тағофулпардоз — сайқалгари тағофул, тагофулоро, зебдиҳанда ба тағофул; яъне: ба тағофул моҳир.
Нокӯс — а) гонг, асбоби мисинн таблмонанд; б) зангулаи дайри насоро.
Рабти нафас — рафту-омади нафас; равобити нафас.
Ҳориси нақдинаи (пулҳои) дуньё машав, мегӯяд. (руб. 159).
Сипеҳри найранг-кафас — осмони найрангсози муқаййдкунанда; фалаки качрафтор; маҷозан: тақдиру қисмати носозгор.
Эй хоҷа! — Эй соҳиби сарват ва молу ҷоҳ, эй давлатманд, ғанӣ.
Ҷаридаи ҳастӣ — рӯзноман зиндагӣ; қайдноман вақоеи ҳаёт; ҷорчии «лол»; дафтари ҳисоби умр; авроқи сабти мукофоти аъмол.
Далоил — ҷамъ аз далел; далелҳо, исботҳо ва ҳоказо.
Ҷадал-ободи ҳавас — олами муборизаҳо ва орзӯҳо.
Шайхӣ — калонӣ, сардорӣ, сарварӣ (руб. 165).
Ид омаду... (руб. 166).
Халқ, ин рубоиро, ба тарзи зайл дар ёд дошта омадаанд:

Ид омаду тоза шуд баҳори ҳама кас,
Ҳар сӯ чамане шукуфта аз ранги ҳавас.
Бар ҳар ранге, ки ман назар во кардам,
Дидам, гирди сари ту мегардаду бас. –

Ин нусхаро, ёру дӯстон, дар Бухоро, ба муносибатҳои идн солинавӣ, дар мактубҳои муборакбодӣ менавиштанд. Қотибони хушхат ба лавҳаҳо, баъзан ба охири ягон китоб, наққошон ба девори шигоришдодан баъзе хонаҳо навишта ё марсум кардаанд.

Тарзи дигараш, дар Ҳисор ва райониҳои ҷанубӣ-шарқии Тоҷикистон:

Ид омаду тоза шуд (аҳдори ҳама кас,
Ҳар сӯ чамане шукуфта аз ранги ҳавас,
Бар ҳар кӣ назар кардам, эй ёри азиз,
Бар гирди сарат зи шавқ мегардаду бас.

Номварон — шоҳони соҳиби хотаму нигинро дар назар дорад. (руб. 167).

Фитрат (руб. 168). Фитрат — дар симои оина ва ранг дар симои сайқал омадааст.

Нозими дун — зоҳиран. кадом як шоири дарбории замони худашро дар назар дорад.

Мулҳиёт (мулҳот) — а) шӯҳиҳон ҷиддии асрорангез; б) ҳамаи он чӣ бо қувваи илҳом кашф карда шавад.

Эзоҳ: дурусттараш, ин ҷо, ба ҷои «мулҳот» ё «мулҳиёт», эҳтимол «мулҳақот» бошад. Мулҳақот — а) кӯшишоти таҳқиқӣ, дарьёфтан ва кушодани асрори чигилии соҳае; дар-расидан ба ҳақиқати илме, моҳияти масъалае ва ҳоказо; б) илмест ба манбаъҳое ки меомӯзад: пайвастагӣ, тавассулот, пуррагиву такомул дода ё бо роҳи муқоиса, мунозара ва овардани исботу далелҳо, баъзе асосҳои онҳоро рад мекунад; в) шарҳубасти ду роҳу мароми ё ду ақидаи бо-ҳам мухолифро бо ҷиҳатҳои мусбат ва манфиашон омӯхта, дурусташро тасдиқ мекунад ё ҳар дуро рад намуда, фикри пешқадамеро пешниҳод мекунад ва ҳоказо.

Асараш — асари Бедил.

Хиссати чарх — хасиси фалаки даввор.

Мабдаъ ва миод — аввал ва охири хилқат; оғоз ва анҷом; маркази аввал ва маркази соний; маҷозан: ҳаёт ва мамот.

Махзуз — ҳазэбаранда: завқёбанда.

Наййири аъзам — яке аз исмҳои маҷозии Офтоб.

Найзаи килк — найзаи қалам, синони хома.

Корун-зарф — яъне: ба мисоли Корун, ки аз молу зару ганҷ ҳеҷ сер намешуд.

Таайюнат — айниятат, моҳияти аслии мавҷудиятат.

Само — осмон. Самак — охирин нуқтаи қаъри замин.

Симок — ситораи «бурҷи моҳӣ».

Хилол — дандонхилол.

Чу туфанг — туфанги душохдорро дар назар дорад.

Халил — пайғамбар Иброҳим халил-оллоҳ ки гӯё аз оташи Намруд гузашта буд.
Чинӣ — зарфи чиниро дар назар дорад.
Ҳилол — моҳи нав.
Зукол (зугол) — ахгари рӯяш хокистаргирифта.
Маҳфил — мачлис, анҷуман. (руб. 188).
Маъмура — бинои обод; чои ободонӣ.
Фусунгари ҳирс-ҷиҳам — шахси васвасакоре ки ҳирсаш қувваи гуфтор додааст.
Ҳотам — 1. Ҳотами той (той), Ҳотам бен Абдулло(ҳ) бен Саъд, аз қабилаи Тай, аз Яман, мансуб ба араб, сардори қабилаи Тай буд. Ҳотам, аз рӯи нақлҳо, бисьёр сахӣ буда, аксар бозьёфти дороии худро ба нодороён бахш намуда, шӯҳрат пайдо кардааст. 2. Номи «Ҳотам», дар байни халқ, барои ашхоси кушодадасти соҳибэҳсон лақаби умумӣ шудааст.
Фиръавн — ба забони ибрӣ (яҳудии қадим) лақаби Валид бен Мусъаб аст. Чои таваллудаш дар қаръяе аз атрофи Миср буд. Чунон ки мегӯянд: азбас дар сар боди ғурураш зӯр ва ҳориси «дарьё-даркаш» буд, баъд аз ба Миср подшоҳ шуданаш, чун маънои луғавии фиръавн — тимсоҳ аст, ба ӯ Фиръавн ном доданд. Подшоҳии ӯ дар замони Мусо пайғамбар буда ва дар оҳирҳои умраш даъвои худой кардааст.
Дабиристон — мачозан: дунё ба маънои мактабхонаи таърих; олами вакоеънигор.
Мазоҳир (чамъ аз мазҳар) — ҳаман зуҳурот; ҳаман он чӣ зоҳир гардад.
Такарруб — наздикӣ (бар эътибори курбу манзалат); зинаҳои баланд ё меъроҷи мартабае ки бо худро шафат кардану бо риёкорӣ ва ё ҳимояти дигаре ба он расанд; курбу манзалати ғайри ҳақиқӣ, вӯро-зӯракӣ ва носазовор.
Дар кисвати — дар либоси.
Мул — май, шароб. Ҳавастирозӣ — нигоришоти ҳавас, зинати ҳавас.
Чакил (Чигил) — номи шаҳре хушнхез, дар Туркистон буда. Чин— Хитои Шимолӣ. Мочин — Хитои Ҷанубӣ. Чину-Мочин — мамлакати Хитой.
Муғон — оташпарастон; мачозан: майхонадорон; майпарастон.
Ҳама авқот — ҳаман вақтҳо.
Оғӯшкаминат — пояндаву интизор барои оғӯшат.
Маҳмил — ин ҷо ба маъноӣ корвон омадааст. (руб. 202).
Фирдавс — номи яке аз боғҳои Биҳишт.

Савобит — ҳайъати ситораҳои ғайрисмутаҳаррика. **Бурҷ** — а) бурҷҳои тақвимии сол, ки ҷамъ дувоздаҳанд, чунончи: 1. Бурҷи обӣ: саратон, ақраб, ҳут; 2. Бурҷи хокӣ: савр, сунбула, ҷаддӣ; 3. Бурҷи бодӣ: ҷавзо, мизон, далв; 4. Бурҷи оташӣ: ҳамал, асад, қавс; б) дар илми ҳайъат (илми нуҷум) аз рӯи ҷадовили зиҷ «бурҷҳои ҳайъати кавокиб». **Нуҷум** — ҷамъ аз наҷм (сайёраҳо).

Маъдум — адамшуда, нест ҳисоб.

Лавҳу қалам — а) он лавҳу қаламе ки бо он қалам бар он лавҳ нишо кунанд, нависанд ва махсуси шахсе бошанд; б) «лавҳу қалам» — воҳиди киёсии он аст, ки гӯё дар «боргоҳи илоҳӣ» дар Арши аъло, яъне осмони VII-ӯм) лавҳеву қаламе буда, бо он қалам ба ҳамон лавҳ муқаддароти ҳар як инсони ба вуҷудоянда аз тарафи малоики мукарраб (бо фармони илоҳӣ) навишта мешудааст.

Мегусилам — канда мепартоям.

Ваҳму зann — шубҳаву бим, тарсу гумон.

Нафӣ — инкор, радд.

Кавсар — а) ба забони тоҷикӣ халқ аксар «ҳавзи кавсар» мегӯяанд; б) дар луғатҳо: чашмае; ҳавзае; наҳре бо номи «кавсар» зикр ёфта ва он гӯё дар боғи биҳишт будааст; в) дар баъзе нақл (аз афсонаи динӣ) баҳс меравад, ки: «ҳавзи кавсар» дар пазди дарвозаи боғи биҳишт буда, аз бари он «тубӣ» ном дарахте азиму серсоя мавҷуд будааст.

Мукаррар — ба маънои такроршуда, яъне: аз нав зинда шуда.

Соғари мул — ҷоми май.

Ҳадиси лаълат — сухан гуфтан дар бораи лаби лаълат, васфи лаби лаъли ту.

Мутлақ — мусовӣ, умумӣ; мухтор, номаҳдуд; ҳатӣ дуруст омӯхтанашуда.

Кавнӣ — дунёӣ, мавҷудотӣ.

Ихвон — бародарон; киёсан дӯстони наздик.

Эъдод — ҷамъ аз адад.

Матбах — табхгоҳ, ҷои таомпазӣ, ошхона.

Вафр (вафрат) — фаровонӣ. Ин ҷо, ташбеҳ ба фаровонии мавҷи гуҳар аст.

Аёғ — ҷом.

Бадр — моҳи пур (14—15 рӯза).

Кисват — либоси тан.

Чархи барин — осмони баланд.

Муидан — нолидан, фарьёду фиғон кардан.

Фасурда — беҳароратмонда, сардшуда.
Гули қолӣ — гули сохта, қалбакӣ, ғайри аслӣ; **гули қолин ба маънои** сохта, бечон ва сунъӣ буданаш.
Дунон — пастфитратон, пастҳимматон.
Маволид (муваллад) — ба маънои таваллуд ёфтагон, ба вуҷуд омадагон,— омадааст.
Иқтизо — зарурият, талабот, тақозо.
Меҳри тобон — Офтоби тобон.
Наргисистон — гулистони наргис.
Мунҳарифе — а) шахсе ноустувор, бекавл; б) рамида, коҳида, харфхо, қасдан эродгиранда; в) нохушмизоҷ, каҷбаҳс.
Арақ — араки чабин. (руб. 241).
Бар табъи якдигар хӯрдан — якдигарро хафа кардан, озурдан.
Бар ҳам хӯрдан — дар мусодима омадан бо ҳамдигар. **Барҳам хӯрдан** — несту нобуд шудан, маҳв гардидан.
Ҳанзал — кадуи талх, заҳрдор.
Азрақ — ранги кабуду хокистарӣ, яъне: дуранг.
Аъён — соҳибони мансабҳои олии дарбори шоҳ.
Хоро-нисьён — а) хоро — санги хеле сахт «санги оҳанниҳод»; кӯх; б) нисьён — фаромӯшӣ. Хоро-нисьён — яъне: чун кӯҳи фаромӯшӣ, чун санги аз худ бехабар, беҳис.
Дуньёдор — давлатманд, бой, ғанӣ.
Пироя — зебу оро.
Кеҳу меҳ — а) кеҳ — кеҳтар: хурдсолтар нисбат ба дигаре ки калонсолтар аст; б) меҳ — меҳтар: калонсолтар нисбат ба дигаре, ки хурдсолтар аст; в) 1. хурдтар, поёнтар; 2. Бузургтар, болотар (аз ҷиҳати мансаб ва ё мартаба ва ҷоҳ).
Аз иқболи хасон — яъне, аз ояндаи одамони пастфитрат. **Идбор**— нопоктинатӣ, нопокдилӣ; норостӣ, хиёнат; қисмати бад, бадбахтӣ, бемуваффақиятӣ, офат, таҳлука, мағлубият ва ҳоказо.
Самоҷат — разолат, дағалӣ, беобрӯй.
Тарашшуҳ — шабнам, намреза.
Чинӣ — зарфи чинӣ, дили хурсандро ба «зарфи чинӣ» ташбеҳ додааст.
Нор — оташи дӯзах. **Нур** — нури таҷаллӣ (дар биҳишт).
Мирзо бошӣ — мирзои дарбори шоҳ бошӣ.
Чолидан — беҳудаву-баҳуда гапҳои подарҳаво гуфтан.
Намруд — Тақрибан 5000 сол қабл аз ин, яке аз шоҳони Миср, дар замони Иброҳим бен Озар буда. Озар пайғамбари оташ-